№11 (110)
25 ноябри соли 2017

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

“РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН” 10 СОЛ 2007 - 2017

# РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН

## Строительная газета

e-mail: binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года

Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан




# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАҶЛИСИ ТАНТАНАВӢ БА ИФТИХОРИ 25-УМИН СОЛГАРДИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

19 ноябри соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд дар маҷлиси тантанавӣ ва ҷамъомади идона ба ифтихори ҷашни 25-умин солгарди Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд.

Дар чорабинии бошукуҳ, ки дар макони баргузории иҷлосияи таърихӣ - Қасри Арбоби ба номи Саидхуҷа Урунхоҷаев доир гардид, собиқ вакилони Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумати кишвар, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолони вилоят ва дигар меҳмонони

>> Давомаш дар саҳ. 2 >>



## ДАР ИН ШУМОРА:

### ҲАМОИШИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

ШИРКАТИ НАМОЯНДАГОНИ ТОҶИК ДАР ИҶЛОСИЯИ 78-УМИ КУМИТАИ ХОҶАГИИ МАНЗИЛИИ КОМИССИЯИ ИҚТИСОДИИ АВРУПОИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД




саҳ. 6

### МАШВАРАТИ МУФИД

КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМИЮ АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВӢ БАРОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ БЕХАТАРИИ СЕЙСМИКӢ



саҳ. 7

### БА ИСТИҚБОЛИ 25-СОЛАГИИ ИҶЛОСИЯИ XVI

ШАМЪИ ХОТИРАҲО



саҳ. 10-11

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАҶЛИСИ ТАНТАНАВӢ БА ИФТИХОРИ 25-УМИН СОЛГАРДИ ИҶЛОСИЯИ 16-УМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН






<< Идома аз саҳ. 1 <<

ҷашнвора иштирок карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи иштирокчиён ва кулли мардуми кишварро бо солгарди иҷлосияи тақдирсозу таърихӣ, ки оғози марҳилаи созандагӣ ба хотири ваҳдати комили сартосарӣ ва сулҳу субот буд, табрику таҳният гуфтанд.

Ёдовар мешавем, ки аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар Қасри маданияти ба номи Саидхуҷа Урунхуҷаеви вилояти Суғд Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид ва ҳамон вақт вакилон бо як овоз Эмомалӣ Раҳмон сиёсатмадори оқилу хирадманд ва саодатпешаро Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарвари давлати тоҷикон интихоб карданд.

Аз рӯзҳои нахустин, ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишонаи садоқат ва меҳру муҳаббати бепоёни халқи тоҷик ба ин фарзанди фарзонаи миллат мебошад.

Роҳбари хирадманду саодатпеша муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба аҳдаш вафо кардаву ба мардум сулҳ овард, дар ин рӯзи пур аз нишот бори дигар аз талошҳои созандаву бобарори роҳбарияти давлату ҳукумат ва мардуми шарафманди кишвар бахри ба як кишвари воҳид табдил додани Тоҷикистон андешаронӣ карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки оғози кори иҷлосия ибтидои умеду дилпурии мардуми Тоҷикистон буд ва дар ҳақиқат гузашти вақт собит намуд, ки вакилони Шӯрои Олӣ дар ин иҷлосияи таърихиву тақдирсоз зарурат ва аҳаммияти нигоҳдории якпорчагии давлат ва ягонагии миллати тоҷикро ҷиддан дарк мекарданд.

Мардуми Тоҷикистон низ аз онҳо ҷиҳати аз бuҳрони шадиди сиёсиву иҷтимоӣ баровардани мамлакат иродаи мустаҳками сиёсӣ, заковат ва ғайрату матонатро интизор буданд. Вакилони халқ бо қабули қарорҳои воқеан ҳаётӣ собит намуданд, ки онҳо ҷонибдори истиқлолияти давлатӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, якпорчагии Тоҷикистон ва ободиву рушди оянда он мебошанд.





Воқеан, ин иҷлосия дар рушд ва таҳкими давлатдории навину истиқлолияти воқеии Тоҷикистон, якпорчагии он, ваҳдати миллӣ ва истиқрори сулҳ дар сарзамини бостонӣ, амалӣ гардидани ислоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ асос гузошт.

Пешвои миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз вазъи мураккаби сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар ин солҳо ва лаҳзаҳои тақдирсоз, ҳамчун, сиёсатмадори ҷасуру далер амал карда, аз рӯи хиради азалии халқи тоҷик ҳамчун фарзанди сарсупурдаи миллат барои барқарор кардани сохти фалаҷгаштаи давлатдорӣ, иқтисодӣ ва ба даст овардани сулҳу суботи сартосарӣ ҷонфидоӣ намуданд.

Дар охири суханронии хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар иштирокчиёни ҷамъомади тантанавӣ ва кулли шаҳрвандони кишварро бо ин санаи таърихию тақдирсози миллат табрику таҳният гуфтанд. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон иброз доштанд, ки минбаъд низ ҳар як фарди бонангу номус ва фарзандони худогоҳу худшиноси Ватан дар роҳи таҳкими истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои Тоҷикистони азизамон бештар талош варзида, бахри таъмини зиндагии шоистаи мардум саҳми арзандаи хешро мегузоранд ва орзу намуданд, ки дар сарзамини аҷдодиамон - Тоҷикистони азиз офтоби сулҳу сафо ҳамеша дурахшон бошад.

Пас аз суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз номи вакилони Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон собиқ вакили Шӯрои Олӣ Гулафзо Савриддинова баромад карда, оид ба саҳми арзандаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаронӣ намуд.

Сипас, дар вазъияти тантанавӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз номи собиқадорон, Депутатҳои Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусаввара тақдим карда шуд.

Маҷлиси тантанавии онрӯзаро барномаи рангину пурмуҳтаво ва ҷолиби устодони санъати ҷумҳурӣ идома бахшид.

***АМИТ «Ховар»***

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№11 (110)
25 ноябри соли 2017



# ИШТИРОКИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАРОСИМИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ БАРҚАРОРСОЗӢ ВА ТАҶДИДИ ШАБАКАИ ТАЪМИНОТИ 35 ҲАЗОР НАФАР АҲОЛИИ ШАҲРИ БӮСТОН БО ОБИ НӮШОКӢ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба шаҳри Бӯстон ташриф оварда, дар маросими татбиқи лоиҳаи барқарорсозӣ ва таҷдиди Шабакаи таъминоти 35 ҳазор нафар аҳолии шаҳри Бӯстон бо оби ошомиданӣ иштирок намуданд.

Дар шаҳри Бӯстон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо ҷараёни пурраи татбиқи ин лоиҳа шинос шуда, ба фаъолияти шабакаҳои обтаъминкунии шаҳри Бӯстон оғози расмӣ бахшиданд.

Тавре ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, барқарорсозии иншооти мазкур дар асоси созишномаи сеҷонибаи Корхонаи воҳиди давлатии Хоҷагии манзилию коммуналии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои «Шимоли Тоҷикистон» анҷом дода шуд.

Иброз гардид, ки барои татбиқи ин лоиҳа дар шаҳри Бӯстон 25 миллиону 532 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардида буд, ки 13 миллиону 293 ҳазор сомониаш қарз ва 12 миллиону 240 ҳазор сомонии дигари онро грант ташкил медод.

Зимни муаррифии Лоиҳаи системаи обтаъминкунии шаҳрҳои «Шимоли Тоҷикистон» ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки лоиҳа аз моҳи марти соли 2014 оғоз шуда, 6 шаҳру ноҳияи вилояти Суғдро дар бар мегирад. То ба имрӯз дар асоси ин лоиҳа дар шаҳрҳои Бӯстону Гулистон ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо харҷи 80 миллиону 659 ҳазор сомонӣ корҳо анҷом пазируфта, сокинон бо оби ошомиданӣ таъмин гардидаанд.

Корҳои барқарорсозӣ дар доираи ин лоиҳа дар шабакаҳои обтаъминкунии шаҳрҳои Истиқлол, Конибодом ва Исфара босуръат идома дошта, дар ин самт пешравиҳо ба назаррас мерасанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо лоиҳаи обтаъминкунӣ ба масъулин барои истифодаи мақсадноки маблағҳои ҷудогардида ва анҷоми босифати корҳо дастур доданд.

Барқарорсозии Шабакаи обтаъминкунии шаҳри Бӯстон дар асоси қарордод бо паймонкории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Умед-1» бо сарфи 8 миллиону 418 ҳазор сомонӣ бо дарозии умумии хати магистралии обтаъминкунии дорои 13 ҳазору 600 метр анҷом дода шудааст.

Татбиқи лоиҳаи обтаъминкунӣ дар вилояти Суғд дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳали мушкилоти марбут ба норасоии об муҳиму саривақӣ арзёбӣ гардид.

Иттилоъ дода шуд, ки дар Шабакаи таъминоти 35 ҳазор нафар аҳолии шаҳри Бӯстон бо оби ошомиданӣ барқарорсозии пойгоҳи обкашии кутали 2-юм ва хатҳои технологӣ, таъмири бинои хлоркунонӣ дар асоси қарордод бо паймонкории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ПМК-43» бо харҷи 7 миллиону 351 ҳазор сомонӣ бунёд гардид ва бо таҷҳизоти зарурии соҳавӣ таъмин карда шудааст.

Шабакаи обтаъминкунии шаҳри Бӯстон дар натиҷаи фаъолияти шабонарӯзӣ ба навсозӣ ниёзи бештар пайдо карда буд ва дар баъзе мавридҳо ба нороҳатии сокинони биноҳои баландошёна сабаб мегардид.

Дар доираи татбиқи лоиҳа атрофи бинои Шабака дар масофаи 1 ҳазору 500 метр панҷарабандӣ гардида, таъмири асосии 7 чоҳи амудию насоси барқӣ, сохтмони 4 бинои чоҳи амудӣ ва навсозии пойгоҳи обкашии кутали 2-юм анҷом ёфтанд.

Ҳамчунин 4 насоси обкашии кутали 2-юм бо иқтидори умумии 2 ҳазору 600 метри мукааб дар як соат иваз карда шуда, навсозии бинои хлоркунӣ, даромадгоҳи нави бино, таҷҳизоти барқӣ ва васли ноқилҳои барқӣ дар бинои пойгоҳи обкашӣ, хатти технологӣ бо таҷҳизоти нигоҳдорандаи об, инчунин васлу насби қубури қутраш 315-1 ҳазору 100 метр ва пайваст намудани он ба хатти чоҳҳои амудӣ амалӣ гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сифати корҳои анҷомшуда дар шабакаҳои обтаъминкунии шаҳри Бӯстони вилояти Суғд баҳои баланд доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки васли ҳисобкунакҳои обӣ дар шаҳри Бӯстон аз тарафи муҳандисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҷузъи зимистон» дар ҳаҷми 2 миллиону 514 ҳазор сомонӣ анҷом ёфт, ки 3 ҳазору 750 ададро дар бар мегирад.

Айни ҳол корҳои таъмиру тармим аз тарафи мутахассисон идома дошта, 1033 ҳисобкунаки обӣ дар хонаҳои баландошёна насб карда шуда, вусъати корҳо дар ин самт ба назар мерасад.

Техникаи махсуси коммуналӣ ва таҷҳизоти таъмирию ёрирасон ба маблағи 3 миллиону 607 ҳазор сомонӣ аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Хуршеди Хоразм» дастрас карда шудааст.

Дастгоҳҳои махсуси соҳавӣ ва таъмири таҷҳизоти озмоиширо ба Шабакаи таъминоти 35 ҳазор нафар аҳолии шаҳри Бӯстон бо оби ошомиданӣ ҷамъиятҳои «МЕДКОМ» ва «Салоса» ворид намудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи Шабакаи таъминоти 35 ҳазор нафар аҳолии шаҳри Бӯстон бо оби ошомиданиро туҳфаи арзандаи давлату Ҳукумати мамлакат дар рӯзҳои истиқбол аз 25-умин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карданд.

***АМИТ «Ховар»***





# ИФТИТОҲИ НАВБАТИ ДУЮМИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ХАЛТАҲОИ ПОЛИПРОПИЛЕНИИ ҶДММ “СУҒД ПАК” ДАР ШАҲРИ БӮСТОН

Дар рӯзи сеюми сафари корӣ дар вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бӯстон ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Суғд Пак” ташриф оварда, дар вазъияти тантанавӣ навбати дуюми Корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропилениро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Сохтмони навбати дуюми корхона 5 августи соли 2015 оғоз гардида, дар рӯзҳои ташрифи Сарвари давлат ба вилояти Суғд ба итмом расид.

Барои бунёди корхонаи дуюм 15 миллион сомонӣ, аз ҷумла, 10 миллион сомонӣ барои хариди таҷҳизот сарф шудааст. Сармояи оинномавии корхона наздики 5 миллион доллари амрикоӣ мебошад. Коргоҳҳои якуму дуюм дар масоҳати 5,6 гектар бунёд шудаанд.

Иқтидори истеҳсолии коргоҳ 30 миллион дона халта дар як сол ва бо дарназардошти ба кор андохтани ҳамаи иқтидорҳо 60 миллион дона халта дар як сол мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз соли таъсис то 8 моҳи соли 2017 - 12,8 миллион донаро ташкил намуд. Халтаҳо барои бор кардани орду семент истеҳсол карда мешаванд.

Дар коргоҳи мазкур 200 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки моҳи октябри соли 2013 корхонаи аввали Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Суғд Пак” бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолият оғоз карда буд. Ҳамон вақт соҳибкорони ватанӣ ба Сарвари давлат ваъда дода буданд, ки бо васеъ кардани корхона боз даҳҳо ҷойи корӣ таъсис дода, барои истеҳсоли молҳои воридотивазкунандаи босифат тадбирҳо меандешанд.

Дар корхонаи дуюми Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Суғд Пак” 71 адад дастгоҳҳои бофандагӣ, 8 адад дастгоҳи рангубор ва халтадӯзӣ, ҳамагӣ 79 адад дастгоҳи истеҳсоли Чин ва мамлакатҳои Тайвану Олмон насб карда шудаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки танҳо дар 8 моҳи соли 2017 корхона 1,5 миллион сомонӣ андоз супоридааст, ки барои ғанӣ гардидани буҷаи шаҳри Бӯстон саҳми арзанда мебошад.



Дар ҳамин ҷо роҳбарияти корхона дар назди Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон уҳдадор шуданд, ки баъди як сол дар Минтақаи озоди иқтисодии Суғд чунин як корхонаи нави истеҳсоли халтаҳоро бунёд менамоянд. Маҳсулоти истеҳсолкардаи корхона пурра ба содирот нигаронида мешавад.

Баъди шиносоии пурра бо шароити кор ва сифати маҳсулоти истеҳсолгардида Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми соҳибкорон барои обод кардани як гӯшаи диёр, саҳми муносиб дар раванди саноатикунонии кишвар баҳои арзанда доданд. Дастур дода шуд, ки чун маҳсулоти корхона ба кишварҳои хориҷ, аз ҷумла, ба Қазоқистон, Русия, Украина, Беларус ва дигар кишварҳо содирот мегардад, ба сифати он аҳамияти аввалиндараҷа дода шавад.

**АМИТ «Ховар»**

# ПАЁМИ ТЕЛЕВИЗИОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи Парчами давлатӣ, ки рамзи бахту саодат ва сарбаландии миллату давлати тоҷикон буда, симои мардуми тамаддунсози моро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ мекунад, самимона табрик мегӯям.

Парчами миллӣ мояи ифтихори ҳар як шаҳрванди Тоҷикистони соҳибистиқлол, ифодагари иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми фарҳангии мо буда, мақсаду мароми созандаи тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос намудааст.

25 сол муқаддам дар иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи навини Тоҷикистон ҳамчун иҷлосияи таърихӣ ва тақдирсоз сабт шудааст, дар баробари дигар масъалаҳои муҳимтарини он айёми нооором масъалаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии вакилони иҷлосия пешниҳод гардид.

Вакилони мардумӣ бо дарки аҳаммият ва нақши Парчам дар пешбурди давлатдорӣ, инчунин, бо дарназардошти анъанаи парчамдории гузаштагони худ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуданд.

Яъне Парчами давлатӣ самараи неки иҷлосияи зикршудаи Шӯрои Олӣ ва ҳамсоли он буда, ҷашни имсолаи он бо 25-умин солгарди баргузории иҷлосияи тақдирсози миллат, ки ҳамагӣ чанд рӯз пеш ботантана таҷлил гардид, баробар омад.

Қабули Парчам ба раванди давлатдорӣ ва зиндагиву тафаккури халқи мо мазмуну мундариҷаи нав бахшид.

Мардуми мо ба асолати таърихӣ ва таъсири маънавии Парчами давлатӣ ҳамчун як зуҳуроти бисёр муҳимму арзишманди миллӣ эътиқод ва эътимод пайдо карданд.

Тасдиқи Парчами давлатӣ дар давраи басо ҳассосу тақдирсоз ва мураккабу печидаи таърихи халқамон, ки истиқлолият ҳанӯз қадамҳои нахустини худро мегузошт, вале мавҷудияти давлату миллат таҳти хатари воқеӣ қарор дошт, рост омад.

Дар чунин айёми сарнавиштсоз қабул гардидани Парчами давлатӣ иқдоми олии ватандӯстона ва кӯшиши нахустин барои рафъи хатари ба сари давлат ва миллати куҳанбунёд омада буд.

Мардуми Тоҷикистон ва ҷавонмардони ғаюру далери он зери Парчами миллат ба ҳам омаданд, ба ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшиданд, ба кишвар сулҳу оромӣ ва ба сокинони мамлакат осоишро фароҳам оварданд.

Давлат ба шоҳроҳи дигаргуниҳои азими сиёсиву иҷтимоӣ ва бунёдкориву созандагӣ қадамҳои нахустини устувор гузошт.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ ва санади дорои эътибори олии ҳуқуқии давлат дар баробари Нишон ва Суруди миллӣ Парчами давлатиро рамзи давлатӣ эълон карда, онро ба ҳайси яке аз унсурҳои бунёдии сохтори конститутсионӣ ва давлатдории миллӣ эътироф намуд.

Минбаъд тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» рамзҳои давлатии мо, аз ҷумла тартиби афрохтану истифодаи Парчами давлатӣ танзим гардида, эҳтиром ва садоқат ба онҳо ҳамчун рамзҳои давлатдорӣ дар сатҳи олии қонунӣ қарор дода шуд.

24 ноябри соли 2009 мардуми кишвар Рӯзи Парчами давлатиро бо ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва ба шукронаи даврони соҳибистиқлоливу соҳибихтиёрӣ бори нахуст ҳамчун ҷашни миллӣ таҷлил намуданд.

Имрӯзҳо хурду бузурги мамлакат эътимоди комил доранд, ки Парчами давлатии Тоҷикистон чун рамзи озодӣ, ояндаи ободу осуда ва мояи ифтихори халқи соҳибдавлати тоҷик то ҷовидон парафшон хоҳад буд.

Бо итминон ба фардои дурахшони кишвар, бори дигар тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ табрик гуфта, ба онҳо дар бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дастовардҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Бигзор Парчами давлатии Тоҷикистони азизамон ҳамчун рамзи озодӣ ва саодати абадӣ халқи моро ба қуллаҳои мурод расонад.

Саломату сарбаланд бошед, ҳамватанони азиз!

**АМИТ «Ховар»**



*АҲМАДЗОДА Ҷамшед Ҷалол,*
*раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ ДАР ТАЪРИХИ НАВИНИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

Дар таърихи навини давлатдории тоҷикон Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи худро ҳамчун рӯйдоди тақдирсоз ва ҳалкунанда касб намудааст. Баргузории Иҷлосияи мазкур - ин оғози давраи наве дар таърихи навини тоҷикон, оғози марҳилаи воқеии расидан ба қадри Истиқлолияти давлатӣ, таъмини сулҳу суботи миллӣ ва эҳёи рукнҳои давлатдории миллӣ маҳсуб меёбад. Бо мурури замон, бо назардошти далелҳои нави созандагӣ ва аз лиҳози таҳлилӣ - илмӣ агар ба таърихи даврони истиқлолият назар афканем, ба мо паҳлуҳои гуногуни ин Иҷлосияи таърихӣ равшану возеҳтар ҳувайдо мешаванд. Вале пеш аз он ки ба ин масъала назар афканем, сабабҳо ва зарурияти баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моҳияти онро бояд донем.

Дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX дар натиҷаи сиёсати бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ масъалаҳои мубрами сиёсати миллӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии халкҳои Иттиҳоди Шӯравӣ аён гардиданд.

Масъалаҳои муносибатҳои байни миллатҳо ва дар дохили ҷумҳурӣ байни табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ яке аз сабабҳои сар задани муноқишаҳои Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Аз тарафи дигар, гуногунии тараққиёти ноҳамвори иқтисодиву фарҳангии минтақаҳои Тоҷикистон, инфрасохтори заифу муносибатҳои номукаммали коммуникатсионӣ ва аз ҳам ҷудо будани минтақаҳо ва вилоятҳои Тоҷикистон ба сар задани муноқиша сабаб гардидаанд.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият як қисми неруҳои сиёсӣ аз бетаҷрибагӣ ва кӯтоҳандешии худ эъмори як давлати дорои идеологияи ба мо бегонаро дастгирӣ менамуданд. Онҳо воқеъиятро ба назар нагирифтанд ва идеологияи пешниҳодкардаи онҳо ба шароити пас аз шӯравии Тоҷикистон, ба анъана ва тафаккури аксарияти мардуми кишвар, равандҳои сиёсиву иҷтимоии он ҳеҷ мувофиқат намекард. Аз хотир баровардаанд, ки низоми дунявии давлатдорӣ баробарии мафкураҳои гуногунро дар назди қонун кафолат дода, аз тарафи дигар имкон намедиҳад, ки хеҷ як мафкура худро идеологияи давлатӣ эълон намояд ва пайравони мафкураҳои дигарро зери фишор қарор диҳад.

Тоҷикистон он солҳо дар ҳолате қарор дошт, ки бар асари ҷанги шадиди таҳмилии шаҳрвандӣ ва муқовимати тӯлонии мусаллаҳона минтақаҳои алоҳидаи мамлакат дар оташи ҷанг сӯхтаву валангор, иқтисодиёти кишвар хароб ва фаъолияти сохтору мақомоти ҳокимияти давлатӣ пурра фалаҷ гардида буданд. Ҷомеаро бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ фаро гирифта, касе намедонист, ки оянда кишвар ва мардумро чӣ интизор аст.

Дар чунин вазъияти бӯҳронӣ, аз ҷумла, беҳокимиятиву бенизомӣ, мавҷудияти минбаъдаи Тоҷикистонро ҳамчун давлати ягона ва тозаистиқлол хатари ҷиддӣ таҳдид мекард ва касе дар он рӯзҳо масъулияти таъмини суботи ҷомеаро дар кишвар бар дӯш гирифтан намехост. Ҳол он ки соли 1991 дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 номзад довталаб буданд.

Мамлакат дар вазъияте қарор дошт, ки аз як сӯ сохтору мақомоти давлатӣ аз ӯҳдаи пешгирӣ кардани ҷанги бародаркуш ва аз вартаи бӯҳрони чуқури сиёсиву иҷтимоӣ раҳо намудани ҷомеа баромада наметавонистанд ва аз сӯи дигар, ба таъхир гузоштани ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, интихоби конститутсионии роҳбарияти нави сиёсӣ, оқибатҳои нобахшанда дошт. Аз ин рӯ, бояд иҷлосияи навбатии Шӯрои Олӣ баргузор мегардид ва фақат қарорҳои созандаи он метавонист ватанамонро наҷот диҳад. Ва инак, бо гузашти солҳо метавон гуфт, ки вакилони мардумӣ - иштирокчиёни Иҷлосияи XVI аз иҷрои ин вазифаи худ сарбаландона баромаданд.

Иҷлосия аз 16 ноябр то 2 декабр давом ёфта, дар кори он аз 222 вакил рӯзи якум 193 нафар, пас 197 нафар иштирок намуданд ва дар он дар маҷмӯъ 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла, 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот, қабул гардидаанд.

19 ноябри соли 1992 бо овоздиҳии пинҳонӣ вакили мардумӣ Раҳмонов Эмомалӣ Шарифович бо тарафдории 186 овоз раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуд.

Иқдомҳои муҳими давлатие, ки дар ин Иҷлосия қабул карда шудаанд, аҳамияти онро ҳамчун рӯйдоди муҳими таърихӣ ва тақдирсоз дар таърихи навини давлатдории тоҷикон бештар менамоянд.

Имрӯз бо тамоми ифтихору итминон метавон гуфт, ки фарзанди шарифу меҳанпарвари тоҷик, Сарвари давлат, Пешвои миллатамон Эмомалӣ Раҳмон рисолати таърихии худро дар назди миллат, Ватан ва таърих бо сарбаландӣ ба ҷо оварда, сулҳу суботи устувор ва заминаҳои мусоидро барои рушди миллат таъмин намудааст. Замона бо гузашти вақт, бо талошу муборизаҳои бешумор, бо амалҳои зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ собит сохт, ки интихоби Сарвари давлатамон дар ин Иҷлосия саривақтӣ ва таърихан дуруст мебошад.

Ҳамаи ин комёбиҳо нақши Иҷлосияро дар таърихи давлатдории миллии тоҷикон ҳамчун наҷотбахши давлат ҷовидона мегардонанд.

# ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОН – БАШОРАТ АЗ ФАРҲАНГ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТ

Имрӯз ба хотири мақому манзалат ва эҳтироми Парчами миллӣ дар бинои марказии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки кормандони ин сохтор ҷамъомад баргузор гашт.

Дар ин нишаст ҳозирин қайд намуданд, ки Парчами миллӣ бо «Дирафши Коваён»-и ориёӣ ҳаммаром буда, бо тобиши серанги худ ва тоҷу ситораҳо аз мавҷудияти тамаддуну фарҳанги бостон, пайкори созандагиву асолати миллӣ ва ормонҳову қаҳрамониҳои родмардони тоҷик башорат медиҳад.

-«Имрӯз мо он лаҳзаҳои сарнавиштсози таърихиро бо ифтихор ба хотир меорем, зеро он айём барои мо рӯзҳои аввалини эъмори сохти нави давлату давлатдорӣ ва ташаккули ҷомеаи озоди кишвар буданд. Яъне оғози марҳилаи бунёди давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳамчун ҳадафи асосӣ ва муқаддаси халқи Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт», - қайд намуд мутахассиси шӯъбаи ҳуқуқ Абдусамад Рашидов.

Иштирокдорон нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар баланд бардоштани арзиши муқаддасоти миллӣ назаррас баҳо дода, илова намуданд, ки Пешвои миллат бо нишони эҳтиром ва садоқат ба Парчами миллӣ рӯзи 24 ноябрро рӯзи Парчам эълон карданд. Дар баробари ин ба хотири мақому манзалати Парчам дар рукни давлатдорӣ роҳбари кишвар бунёди манораи бузурги Парчамро пешниҳод намуданд, ки аз тарафи умум ҷонибдорӣ ёфт ва он имрӯз яке аз баландтарин Парчам шинохта шудааст.



Дар охир зикр карда шуд, ки бояд мо эҳтироми Парчамро ҳамчун нишонаи давлатдории миллӣ ва истиқлолияти Ватан, чун сарвати гаронбаҳо ба ҷо орем, қадру қиммат ва нақшу этибори онро ба насли наврас ва ҷавонони ояндасоз талқин намоем.

**Н. РАҲМАТ, мухбири «РБ»**

# ШИРКАТИ НАМОЯНДАГОНИ ТОҶИК ДАР ИҶЛОСИЯИ 78-УМИ КУМИТАИ ХОҶАГИИ МАНЗИЛИИ КОМИССИЯИ ИҚТИСОДИИ АВРУПОИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД




Рӯзҳои 8-10 ноябри соли 2017 дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария, дар бинои Созмони Милали Муттаҳид иҷлосияи вазирони сохтмон ва меъмории кишварҳои аъзои Комиссияи иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Аврупо ва иҷлосияи 78-уми Кумитаи хоҷагии манзилии Комиссияи иқтисодии Аврупоии Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардид.

Дар конфронси роҳбарони соҳаи сохтмону меъморӣ ва ҷаласаи 78-уми Кумитаи хоҷагии манзилии Комиссияи иқтисодии Аврупоии Созмони Милали Муттаҳид намояндагони мақомотҳои дахлдори меъморӣ, шаҳрсозӣ, сохтмон ва хоҷагии манзилию коммуналии зиёда аз 220 вакил аз 43 давлат, ҳамчунин шумораи зиёди ташкилотҳои байналмилалӣ иштирок доштанд.

Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол ва сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозии Кумита Файзуллозода Нусратулло дар ин иҷлосия Тоҷикистонро намояндагӣ карданд.

Дар рӯзи якум дар иҷлосияи 78-уми Кумитаи хоҷагии манзили Комиссияи иқтисодии Аврупоии Созмони Милали Муттаҳид оид ба омӯзиши бахши манзил, ки аз тарафи мутахассисони байналмилалӣ ва маҳаллӣ солҳои 2010-2011 гузаронида шуда буданд, Аҳмадзода Ҷ.Ҷ. оид ба тавсияҳо аз натиҷаи омӯзиши бахши манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдомҳои пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди маҳаллаҳои аҳолинишин ва масъалаҳои ҷойдоштаи сохтмони манзилҳои дастрас ва дороИ ҳузуру ҳаловати мухталиф, талаботи аҳолӣ ба манзил, оид ба пешравӣ ва камбудиҳои ҷойдоштаи масъалаҳои дарҷгардида, кӯмаки ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармоя дар доираи барномаи сохтмони манзили дастрас, санадҳои соҳавии қабулгардида, ки барои пешравии бахши манзил такон мебахшанд, масъалаҳои бозори манзил, ипотека, арзиши хонаҳои истиқоматӣ, ҳамчунин афзоиши ҳаҷми сохтмони манзил ва ҷалби сармоягузорӣ суханронӣ намуд.

Ҳисобот бо тавсияномаҳои мутахассисони байналмилалӣ ва маҳаллӣ оид ба беҳтар намудани бахши хоҷагии манзили кишвар аз натиҷаи омӯзиш омода шуда, бо иштироки намояндагони мақомотҳои дахлдори соҳавӣ 14 майи соли 2016 дар шаҳри Душанбе намоиши он гузаронида шуда буд. Ҳуҷҷати мазкур айни ҳол мавриди омода намудани нақшаи амалигардонии ин тавсияҳо қарор дорад. Аз натиҷаи ин конфронс, нақшаи амалигардонии тавсияномаҳои мутахассисони байналмилалӣ ва маҳаллӣ оид ба беҳтар намудани бахши хоҷагии манзилии кишвар пурра ва мукаммал гардонида шуда, аз рӯи он кор пурзӯр карда мешавад.

Хотиррасон менамоем, ки Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Комиссияи иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид оид ба Аврупо доир ба рушди маҳаллаҳои аҳолинишин ва сохтмони манзилҳои дастрас ҳамкории дутарафаро хуб ба роҳ мондааст. Исботи ин ҳамкориҳост, ки намояндагони Комиссияи мазкури Созмони Миллали Муттаҳид якҷоя бо мутахассисони Кумита самтҳои асосии ҳамкориро оид ба беҳсозии бахши манзилии кишварамон муайян намуда, аз рӯи он фаъолият менамоянд.

***Мухбири «РБ»***




# ДАР ХОРУҒ БАРОИ КОРМАНДОНИ РАЁСАТИ АДЛИЯ БИНОИ СЕОШЁНА БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД



Ҳоло дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сохтмони зиёда аз 217 иншоот бо арзиши қариб 900 миллион сомонӣ идома дорад. 48 адади ин биноҳо дар шаҳри Хоруғ сохта мешаванд. Ин нуктаро раиси ВМКБ Шодихон Ҷамшед зимни табрики кормандони Раёсати адлияи вилоят ба хотири соҳиби бинои зебову барҳаво ва дорои тамоми шароити маъмурию маишӣ шудан баён дошт. Ҳамзамон изҳори умед карда шуд, ки баъд аз ин онҳо ба ҳар як дархости сокинони вилоят сари вақт ва ба таври комил посух хоҳанд дод.

Таҳкурсии бинои Раёсати адлияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон моҳи майи соли гузашта гузошта шуд. Барои бунёди ин бино Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 миллиону 250 ҳазор сомонӣ ҷудо кард.

Сохтмонро бинокорони Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Хуҷаназар» ба ӯҳда гирифта, мутобиқи нақша дар давоми каме бештар аз як сол онро ба истифода доданд. Бино аз таҳхона, 40 утоқи корӣ ва маҷлисгоҳ иборат аст.

Сардори Раёсати адлияи вилоят Зиёратшо Ғайратшоҳзода гуфт, ки “то ба имрӯз сохторҳои раёсати адлия, ба мисли идораи нотариалӣ, иҷрочиёни судӣ, бюрои ҳуқуқӣ, филиали Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ дар маҳаллаҳои гуногуни шаҳр фаъолият доштанд. Аз ин рӯ, ниёзмандон барои пайдо кардани онҳо вақти зиёд масраф мекарданд”.

***АМИТ «Ховар»***

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН Строительная газета №11 (110) 25 ноябри соли 2017



# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМИЮ АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВӢ БАРОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ БЕХАТАРИИ СЕЙСМИКӢ



Бо ташаббуси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 17 ноябри соли 2017 бо мақсади муайян намудани дурнамои роҳҳои эҷод ва рушди лоиҳакашӣ, муҳокимаи масъалаҳои бехатарии сейсмикии шаҳрҳо ва минтақаҳои аҳолинишин, конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Баланд бардоштани бехатарии сейсмикии шаҳрҳо ва минтақаҳои аҳолинишин» баргузор гардид.

Дар кори конфренсия Муовини президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Абдусаттор Самадович, Муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоотӣ Саидов Ҷамшед Ҳамрокулович, Салимзода Муҳаммадҷон Масеҳҷон - Муовини Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавкуллода ва мудофиаи гражданӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Хадамоти геофизикии АИ ЧТ Негматуллоев Собит Файзуллоевич, Кобулив Зайналобиддин Валиевич – Директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АИ ЧТ, Ситников Сергей Львович – номзади илмҳои техникӣ, академики Академияи масъалаҳои сифати Федератсияи Россия ва дигар намояндагони вазорату идораҳо, донишгоҳҳо, фармоишгарону ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва намояндагони ВАО иштирок доштанд.

Зимни ироаи сухани ифтитоҳӣ Муовини якуми раиси Кумитаи сохтмон ва меъморӣ Абдуалимзода Абдукарим ба масъалаҳои ҳодисаҳои табиӣ аз қабили заминҷунбиҳо ва хисороти он рӯ оварда, қайд намуд, ки бояд сатҳи фарҳанги ҷомеа оид ба хатари сейсмикӣ баланд бардошта шавад.Таъсири хатарҳои заминларза ба бинову иншоотро омӯхта, ҳангоми тарҳрезии лоиҳаҳо ин масъаларо ҳам аз мадди назар набояд дур кард. Муовини якуми раиси Кумита дар идома ба ҳамкориҳои Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ҷиҳати ҳалли масъалаҳои бехатарии сейсмикӣ бо Академияи илмҳои ЧТ ишора намуда, навбати суханро ба Муовини президенти АИ ЧТ Абдусаттор Саидов дод.

- Бинобар ҷойгиршавии Тоҷикистон дар як минтақаи сейсмикӣ ин масъала тақозо менамояд, ки ҳамеша таҳти назорат, таҳқиқ ва муҳокима бошад, – иброз дошт Абдусаттор Саидов. - «Дар АИ омӯзиши мониторинги масъалаҳои сейсмикӣ яке аз самтҳои афзалятноки тақиқотҳои илмӣ ба ҳисоб меравад ва ба ин масъала Хадамоти



геофизикии назди АИ ЧТ ва инситути геология ва сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар машғул ҳастанд» - илова намуд ӯ.

Бо дастгирии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ» қабул гардид, ки самти ҳуқуқии онро ба танзим медарорад. Ҷамшед Саидов – муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоотӣ зимни сухани худ аз мақсадҳои таҳия ва қабули ин қонун ҳарф зад. Номбурда ёдовар шуд, ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ» аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 30 майи соли ҷорӣ тасдиқ гаштааст. «Қонуни мазкур бо мақсади амалӣ намудани асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъминни бехатарии сейсмикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, он аз 7 боб ва 29 модда иборат аст».

Заминҷунбиҳои сахту харобиовар ба ҳолатҳои фавкулодаи табиат таалуқ дошта, боиси марги одамон мегардад. Дар баробари ин ба иқтисодиёти кишвар низ зарари калон мерасонад. Дар ин ҷода масъалаҳои бартарафкунии ҳолатҳои фавкулодда ба миён меояд, ки бевосита ин масъулият ба души Кумитаи ҳолатҳои фавкулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст. Муовини Раиси Кумитаи ҳолатҳои фавкулода ва мудофиаи гражданӣ назди Ҳукумати ЧТ Салимзода Муҳаммадҷон дар навбати худ аз ҳодисаҳои табиӣ дар Тоҷикистон рухдода ҳарф зада, ишора намуд, ки яке аз сабабҳои талафоти зиёди иқтисодӣ ҳангоми чунин ҳодисаҳо, ин пеш аз ҳама ҷавобгӯ набудани иншооти сохташуда ва риоя накардани талаботи сохтмон мебошад. - «Мо бо намояндагони Кумитаи меъморӣ ва сохтмон дар ҷойҳои ҳодиса қарор доштем ва тибқи хулосаи мутахасиссони сохтмон қарор қабул карда шуд, ки бинобар риоя накардани меъёрҳои сохтмонӣ чунин ҳолатҳо рух додаанд» - қайд намуд Салимзода Муҳаммадҷон.

Тибқи нақшаи конференсия дар қисмати маърӯзаҳои пленарӣ Умаров Улуғбек - Директори КВД "Пажӯҳишгоҳи илмию таткиқотии Сохтмон ва меъморӣ" дар мавзӯи «Самтҳои асосии баланд бардоштани бехатарии сейсмикӣ дар Тоҷикистон» баромад намуд. Дар баробари ин Собит Негматуллоев бо маърӯзаи худ - "Ҳолатҳои муосир ва рушди дурнамои сейсмологӣ ва сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар дар Тоҷикистон", академик Ситников Сергей Львович бо мавзӯи "Введение технологии преднапряжения. Технология преднапряжения в мостовых конструкциях" ва Пулод Ясунов - Муовини директор оид ба илм ва таълими Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АИ ЧТ дар мавзӯи "Пешбурди илмию техникӣ дар Тоҷикистон" баромад намуданд.

Ҳамин тавр, дар ҷаласаи кории конфренсия, ки дар қисмати дуюми он пешбинӣ шуда буд, дигар масъалаву проблемаҳо ва мавзӯъҳои вобаста ба чорабинӣ баррасӣ гардиданд.



**Н. РАҲМАТ**

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН Строительная газета


Аз 2 то 7 ноябри соли 2017 бо ташаббуси Иттифоқи меъморони Тоҷикистон, Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон, Иттифоқи рассомони Тоҷикистон, бо дастгирии Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайн ва ташкилоти «КНАУФ маркетинг Душанбе» дар яке аз павилонҳои гулгашти «800-солагии Москва» бори аввал Фестивали ҷумҳуриявии меъморон, дизайнерон ва рассомони ҷавон бахшида ба Соли ҷавонон ва 55-солагии омӯзиши касби меъморӣ дар Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар фестивал қариб 200 корҳои эъҷодии меъморон ва рассомони Тоҷикистон ба намоиш гузошта шуданд. Аз ҷумла, Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон бо намоиши либосҳои милливу замонавӣ ва Иттифоқи меъморони Тоҷикистон бо асарҳои меъморони ҷавон ва намоиш-озмуни беҳтарин асарҳои меъморони солҳои 2015-2017 иштирок намуданд. Дар ин фестивал ҳамчунин корҳои эҷодии донишомӯзони кафедраи меморӣ ва дизайни Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, кафедраи меъморӣ ва дизайни Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва кафедраи дизайни Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон ба намоиш гузошта шуда буданд.

9 нафар меъморони варзидаи Тоҷикистон ба ҳайси ҳакамон бо



# НАТИҶАГИРӢ АЗ НАХУСТИН ФЕСТИВАЛИ ҶУМҲУРИЯВИИ МЕЪМОРОН



корҳои эъҷодии меъморон шинос гашта, ғолибони номинатсияҳои «Биноҳои истиқоматӣ», «Биноҳои ҷамъиятӣ», «Биноҳои маъмурӣ» ва «Шаҳрсозӣ»-ро бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ муайян ва пешниҳоди Иттифоқи меъморони Тоҷикистон намуданд.

Тавре Баҳром Юсупов - Раиси Иттифоқи меъморони Тоҷикистон аз натиҷаи озмун ба «Рӯзномаи бинокорон» хабар дод, дар рӯзи охирони намоиш 32 лоиҳа сазовори дипломҳои «тиллоӣ», «нуқрагин» ва «биринҷӣ» гашта, меъморон-муаллифон сазовори дипломҳо ва дигар ташкилоту корхонаҳо соҳиби туҳфаҳои «КНАУФ маркетинг Душанбе» гаштанд.

Аз ҷумла, ширкати лоиҳакашии «ҶМ ва партнёрҳо» 4 дипломи «тиллоӣ», 3 дипломи «биринҷӣ» ва як дипломи «нуқрагин» ба даст оварданд. Ширкати лоиҳакашии «Архпроект»-и Иттифоқи меъморони Тоҷикистон соҳиби 4 диплом (3 дипломи «тиллоӣ» ва як дипломи «нуқрагин») гаштанд. Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии «Сохтмон ва меъморӣ» 3 диплом (2 дипломи «тиллоӣ» ва як дипломи «биринҷӣ»), Пажуҳишгоҳи лоиҳакашии «Саноатсоз» соҳиби 3 диплом (ду дипломи «нуқрагин» ва як дипломи «биринҷӣ») гаштанд. Пажуҳишгоҳи лоиҳакашии «Шаҳрофар» бо як дипломи «тиллоӣ» ва як дипломи «нуқрагин», Пажуҳишгоҳи лоиҳакашии «Душанбешаҳрсоз» 2 диплом (1 дипломи «нуқрагин», як «биринҷӣ»), Пажуҳишгоҳи лоиҳакашии «Сельтехпроект» бо як дипломи «тиллоӣ», «Суғдшаҳрофар» бо дипломи «нуқрагин», КВД «Лоиҳакаш» бо дипломи «биринҷӣ», ширкати лоиҳакашии «Хуҷандархпроект» бо дипломи «биринҷӣ» ва Гуламадов Амиршо барои як қатор лоиҳаҳои дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сохташуда бо дипломи «тиллоӣ» қадрдонӣ шуданд.

Муаллими калони кафедраи меъморӣ ва дизайни Донишгоҳи техникии Тоҷикистон Бобоев Маҳмуд барои як қатор асарҳои эҷодӣ бо дипломи «тиллоӣ» ва хатмкунандагони ҳамин муассиса - Нуриддинов Суҳроб бо дипломи «нуқрагин» ва Аюбҷонов Хуршед бо дипломи «биринҷӣ» ва ҳамчунин хатмкунандаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд бо дипломи «биринҷӣ» ҳавасманд гардонида шуданд.

Дар анҷоми Фестивали ҷумҳуриявии меъморон, дизайнерон ва рассомони ҷавон аз тарафи ҳакамон фаъолияти пурсамари меъморон Аҳмад Воҳид, Қаюмов Абдуфаттоҳ, Ҳасанов Фирӯз, Қозиев Маҳмадносир бо дипломҳои «нуқрагин» ва дигар иштирокдорон бо Ифтихорномаҳои Иттифоқи меъморони Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд.

***Мухбири «РБ»***



# АРЗИ СИПОСИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ БА БИНОКОРОНИ СУҒД



**Мирҳаким Тағоев, Сардори ширкати сохтмонии ҶДММ «СМС» (сохтмончӣ-муҳандис-созанда)**

Президенти мамлакат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни сафари кории худ ҷиҳати ширкат дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 25-умин солгарди Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон, як рӯз қабл, дар мулоқоти корӣ бо соҳибкорон-бинокорони суғдӣ, ки дар шаҳри Хуҷанд доир гашт, оид ба иқдомҳои созандагӣ, ободкории кишвар ҳарф зада, саҳми бинокорони тоҷикро дар ин самт хостан таъкид карданд. Сардори давлат аз он изҳори қаноатмандӣ доштанд, ки бо шарофати муносибати касбӣ ва меҳру муҳаббат ба ватан-модар бинокорони тоҷик дар ҳамаи манотиқи мамлакат иншоотеро таъмир мекунанду месозанд, ки боиси ифтихор аст. Дар иртибот ба ин Президенти Тоҷикистон бо як самимияти хоса аз кори ба қарибӣ анҷомдодаи як гурӯҳ бинокорони вилояти Суғд, ки дар азнавсозӣ ва ободии Боғи фарҳанг ва истироҳатии ба номи Садриддин Айнии пойтахт хисса гузоштанд, сухан карданд ва барои кори босифату самаранокашон изҳори сипос дошта, ба 400 нафари онҳо мукофотпулӣ тақдим карданд ва ҳамзамон иброз доштанд, ки миёни ободгарони боғҳои фарҳангии пойтахт мутахассисони суғдӣ ғолиб омада, соҳиби ҷойи аввал шуданд ва ба онҳо 30 ҳазор сомонӣ тақдим шуд.



Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «СМС» (сохтмончӣ-муҳандис-созанда) пудратчии асосии ин корҳои ободонӣ дар Боғи фарҳангию фароғатии ба номи устод Айнӣ буда, ҷараёни ҳамаи корҳои таъмиру тармимро зери назорат дошт. Хабарнигори дар вилояти Суғд будаамон ***Ҷовиди АШТӢ*** пас аз мулоқоти Президенти мамлакат бо директори ин ширкати сохтмонӣ Мирҳаким Миртурсунович Тағоев сӯҳбате орост, ки манзури шумо хонандагон мегардонем.

***- Нахуст Шумо ва кулли бинокоронро, ки дар таҷдиди яке аз Боғҳои бузурги фарҳангиву фароғатии шаҳри Душанбе, ки номи Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айниро дорад, аз номи хонандагони зиёди «Рӯзномаи бинокорон» арзи сипос мекунем. Воқеан ҳам, тавре Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр доштанд, самари меҳнати шумо арзанда ва басо хотирмон аст. Наслҳои минбаъда низ эътимод ҳаст, ки ба ободгарони ин маркази фарҳангии пойтахти кишвар сипос хоҳанд гуфт. Муҳимтар аз ҳама аз ин кори ба суботрасонидаи шумо бинокорон рӯҳи бузурги устод Айнӣ шод гардида, мададгоратон мешаванд.***

- Вақте мо фаҳмидем, ки дар қатори ширкатҳои зиёди сохтмонӣ чун пудратчии асосӣ дар азнавсозии ин Боғ ширкат хоҳем кард, ҳам шод будему ҳам масъулияи ҷиддиро дарк мекардем. Зеро таҷдиду азнавсозии иншооти мазкур басо масъулияти ҷиддӣ ва касбияти волоро тақозо мекард. Баъди шиносоии тарҳи лоиҳаи таҷдид мутахассисони ширкати мо ба хулоса омаданд, ки аз ӯҳдаи ин супориши Сардори давлат баромада метавонем. Эътимоди дигари мо бо он асос меёфт, ки мутахассисону бинокорони мо то ин дам дар бунёди чандин иншооти муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ аз қабили: амфитеатр дар боғи миллӣ, толори варзишӣ ва Қасри фарҳанги ноҳияи Ашт, таъмиру азнавсозии Боғи фарҳангӣ ва фароғатии ба номи Хоҷа Камоли шаҳри Хуҷанд, аз ҷумла, манзили шоирро, шаршараҳои девори ин боғ, роҳи зеризаминии самти чапи Маҷмааи фарҳангиву таърихии Истиқлол дар шаҳри Хуҷанд, иншооти обии шаҳраки Сайҳун иштироки фаъолона доштем.

***- Хусусияти фарқкунандаи Боғи ба номи Садриддин Айнӣ аз дигар иншооти таъмиру бунёдкардаи шумо аз чӣ иборат буд?***

- Боғи устод Айнӣ аз лиҳози масоҳат 16,2 гектар буда, аз лиҳози тарҳрезӣ хеле нодир ва аз мутахассисон чашмикордониро тақозо мекард. Фаъолияти корҳои созандагиву таҷдид аз моҳи март шурӯъ гашта, моҳи ноябр анҷом пазируфт ва дар саривақт мавриди истифода қарор гирифтани иншооти мазкур ҳамчунин саҳми мутахассисон ва бинокорони ҶДММ «Усто Мансур», ки дар корҳои гаҷкорӣ саҳм доранд, устои исфарагӣ - усто Тоҳир дар долони кандакоришуда, сафолаккунӣ (кошинкорӣ) дар масоҳати 20 ҳазор метри мураббаъ, корхонаи «Соҳибкор-2», панҷараи атрофи боғ дар масоҳати 1,5 километр аз ҷониби ширкати «Соҳибкор-2», кабудизоркунӣ: гулу буттаҳо дар масоҳати зиёда аз 13 гектар, обёрикунӣ «ММС-2», фаввораҳо-8 адад, мақбараи Садриддин Айнӣ - «Кант-Инвест», чароғонкунӣ - ҶДММ «Само» хиссагузорӣ карданд.

***- Аз худи корхонаи ҶДММ «СМС» дар ин корҳои ободонӣ чанд нафар иштирок доштанд?***

- Наздик 150 нафар худи ҳайати кормандони ширкати мо дар азнавсозии Боғи фарҳанг ва истироҳатии ба номи Садриддин Айнӣ фаъолона иштирок карданд. Бояд гӯям, ки ширкати мо то имрӯз бо тамоми мутахассисони варзида ва техникаи зарурии замонавии соҳаи сохтмонро ба худ дорад.

***- Дар ҷараёни корҳои созандагӣ шумо саҳми кадом мутахассисонро метавонед хосатан қайд кунед?***

- Бо истифода аз ин минбари касбии бинокорон мехоҳам нақши арзандаи чанд нафарро махсус зикр намоям, аз ҷумла, сармуҳандиси корхона Фирӯз Тағоев, устои минтақавӣ Аҳмадҷон Ҷалолов, таъминотчӣ Алиҷон Додобоев, бригадаи бетонрезон бо сардории Валӣ Холмирзоев, бригадаи сафолакчинҳо бо сардории Наимҷон Махкамов, бригадаи рангуборчиён таҳти сардории Мубинҷон Умаров, мехоҳам саҳми арзандаи бригадаи калони бонувонро, ки кабудизоркунии Боғро бо сардории Абдусалом Шодибеков бар ӯҳда доштанд, махсусан қайд намуда, самимона арзи сипос намоям.



CMYK

# ШАМЪИ




Рӯзу моҳҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон барои мардуми кишвар аз қаномандиву лаҳзаҳои нишот зиёдтар ғаму ғусса, маъюсӣ ва дурнамои тирае бахшид. Ҳар гуна бозиҳои сиёсие, ки ҳизбу ҳаракатҳои дар кишвар амалкунада ва ҷамъиятҳои зиёди чун занбӯруғи баъдиборонӣ таъсисёфта, бе дарки масъулияти ҷиддӣ аз оқибатҳои амали хеш, фирефтаи  ҳар гуна бозиҳои сиёсӣ гаштанд ва дар ниҳояти кор ин вазъу ин ҳолат миёни як халқу як миллат нахуст ба ҳамдигарнофаҳмиҳо, сонитар ба сангарҳо ва ниҳоят ба ҷанги бародаркушӣ овард.

Хусусан, соли 1992 ҳам аз лиҳози сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба аҳли ҷомеаи Тоҷикистон сангин омад. Рӯз ба рӯз  аҳолии ҷумҳуриро яъсу ноумедӣ бештар фаро мегирифт. Кӯчбандии шабонарӯзии миллатҳои ғайр боз бештар миёни аҳолӣ воҳимаи зиёдеро меовард. Сохторҳои ҳукумативу давлатӣ ҳамоно ба ҷои беҳбудӣ боз фалаҷ ва фишангҳо самар намебахшиданд. Таъсиси Хукумати муросои миллӣ низ дар ин раванд ягон беҳбудии чашмрасе оварда натавонист ва баръакс низову оташи ҷанги бародаркуш ҳудудҳои зиёдеро фаро гирифт. Дар кӯчаву нақлиёт, дар хонаву бозор хурду калон аз пайомадҳои ногувори кишвар пешгӯйӣ доштанд.

Вазъияти сиёсии кишвар то дараҷае мутташаниҷ буд, ки ҷомеа дигар аз доиршавии ҳар гуна маъракаҳои сиёсӣ, гирдиҳамоиҳо, ҳатто аз Иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ ҷиҳати мӯътадилбахшии авзои мамлакат натиҷаи мусбиро чашминтизор набуданд. Зеро қарорҳои ба тасвибрасида татбиқи худро саривақт пайдо намекард. Рӯзҳои аввали моҳи ноябри соли 1992 боз дар бораи баргузории Иҷлосияи Шӯрои Олии Тоҷикистон сухан мерафт ва овозаҳо ҳам пайдо шуданд, ки ин бор Иҷлосия шояд берун аз Тоҷикистон, дар ҷойи ором ҷараён гирад. Овозаҳо, пешгӯиҳо то андозае дуруст бароманд, аммо Иҷлосия дар хориҷи кишвар  не, дар ҳудуди ҷумҳурӣ - вилояти Ленинобод (Қасри «Арбоб» - хоҷагии ҷамоавии ба номи Сайидхоҷа Ӯрунхоҷаев) хоҳад гузашт.

Он вақт ман корманди бахши барномаҳои «Ахбор»-и радиои Тоҷикистон будам. Дар ҳамон шабурӯзҳои баргузории Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон раиси Кумитаи телевизион ва радио и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон МирбобоМиррахимов аз вазифа сабукдӯш ва ба ҷояш депутати Шӯрои Олии Тоҷикистон Даврон Ашӯров таъин шуда буд. Дар арафаи доиршавии Иҷлосия Даврон Ашӯров мудирони шӯбаҳои «Ахбор»-и телевизион ва радиоро назди худ хонда, ҷараёни инъикоси Иҷлосияро мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷониби кадом хабарнигорон инъикос шудани онро муҳокима карданд. Раҳматшо Додихудоев, сармуҳаррири барномаҳои радио маро ба ҳузури хеш хонд ва гуфт, ки бо дарназардошти он ки шумо хабарнигори парлумонӣ ҳастед инъикоси онро ба ӯҳда мегиред. Даврон Ашӯров, раиси Кумита аз мо хабарнигорон даъват намуд, ки Иҷлосияи навбатӣ бояд ҳалкунанда бошад, аз ин рӯ дар ҷараёни инъикоси он ҳадалимкон кӯшиш ба харҷ диҳед, ки ба эҳсосот дода нашавед.

Дар бинои Шӯрои Олӣ ба вакилони парлумон, аз ҷумла, ба онҳое, ки бояд ба вилояти Ленинобод ба Иҷлосия мерафтанд аз ҷониби намояндагии фурудгоҳи Душанбе  билети тайёра мефурӯхтанд. Рӯзи 12-ноябри ба хотири дастрасии билет ба Шӯрои Олӣ омадам. Аҷоиб манзара ба мушоҳида мерасид. Назди даромади бино наздик 50-60 нафар сокинони оддӣ низ навбат меистоданд, ки ба Ленинобод ва ё ба хатсайри дигар билет дастрас кунанд. Бо як мушкилӣ ба рӯзи 14-ноябр ба самти Ленинобод соҳиби билети тайёра шудам. Вазъият дар фурудгоҳи пойтахт умуман тасвирнашаванда ба чашм мерасид, ба қавле он қадар мусофирон гирд омада буданд, ки «сӯзан партоед, рост меистод». Илоҷи аз қайд гузаштан набуд, зеро нафарони бе билет имкони наздикшавӣ намедоданд.

Ниҳоят масъулини фурудгоҳ як гурӯҳ хабарнигорон ва он нафароне, ки ба кори Иҷлосия даъват шударо иҷозати гузаштан  аз баромадгоҳи вакилон доданд. Ниҳоят бо азоби рӯҳиву ҷисмонӣ худро дохили тайёра гирифтем. Ва пас аз он ки гурӯҳи дигари масъули Шӯрои Олии Тоҷикистон ба сарварии Акбаршо Искандаров, иҷрокунандаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон ворид гаштанд, тайёра ба самти шимоли Тоҷикистон парвоз кард. Агарчӣ вакилон ва дигар даъватшавандагон дар муоширот лутфу меҳрубонӣ доштанд, вале аз чеҳраи ҳамагон яъсу ноумедӣ, хавотириву изтироб бештар ҳувайдо буд.

Обу ҳаво дар Ленинобод то андозае сард буд, шамол мевазид. Тирамоҳ ҳукм меронд. Шаҳри Ленинобод шабонгоҳ басо орому осуда ба назар метофт. Тамоми вакилони парлумон, меҳмонони даъватшуда қаблан дар бинои Комиҷроияи шӯрои депутатҳои халки вилояти Ленинобод ҷамъ омаданд ва аз ин ҷо ҷойи будубоши иштирокчиёни Иҷлосия муайян мешуд. Мо хабарнигорон, дар якҷоягӣ бо гурӯҳи депутатҳо дар  меҳмонхонаи «Хуҷанд» воқеъ дар шаҳри Чкалов (ҳоло Бӯстон) ҷойгузин шудем.



# ХОТИРАҲО

Субҳи барвақт баъди наҳорӣ аз шаҳри Чкалов озими қасри «Арбоб» шудем. Нахустин манзарае, ки ба мушоҳида расид техникаи зиёди ҳарбӣ ва сарбозони мусаллаҳ ва кормандони хеле зиёди Вазорати корҳои дохилӣ буд. Онҳо гирдогирди Қасри «Арбоб»-ро ба хотири амният ва бехатарии аҳли ширкаткунандагони Иҷлосия пеҷонида гирифта буданд. Барои аз қайд гузаштан сари ҳаркадам дар муоинаи хеле ҷиддии кормандони ҳифзи ҳуқуқ қарор мегирифтед. Наздик се соати вақт гузашт ва мо хабарнигорон, аз ҷумла, шодравон Неъмат Очилов аз ошёнаи дуввуми «Арбоб» ҷойи худро пайдо кардем. Тасвири муфассали ҷузъиёти оғози Иҷлосия ва ҷараёни кори он бешубҳа, вақти зиёдро фарогир хоҳад шуд, аз ин рӯ, мехоҳам дар ин навиштаҳои хеш асосан ба чандин нуктаҳои асосӣ ва муҳим таваққуф кунам.

Рӯзи 15-ноябр бо дар назардошти он ки ба кори Иҷлосия ҳамзамон ба ғайр аз вакилон намояндагони аҳзоби сиёсии кишвар, арбобони намоёни сиёсиву давлатӣ ва илмӣ даъват шуда буданд, баъди мулоҳизаҳову пешниҳодҳо оид ба вазъи сиёсии ба миёномадаи кишвари нав ба тозагӣ ба истиқлолрасида хулоса карданд, ки рӯзи аввали ин ҳамоишро Маҷлиси миллӣ унвон медиҳанд, то ин ки бахри кори босамари Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ бигзор намояндагони ҳамаи қишрҳои ҷамъиятӣ фикру андешаҳои хешро иброз дошта бошанд. Ба гумонам дар ҳамин рӯз аввалин қадамҳои ҳамдигарфаҳмӣ ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилиҳои сиёсии Тоҷикистони азиз гузошта шуданд. Зеро дар вақти танаффус ширкаткунандагон: вакилони халқ, олимон, адибон, хабарнигорон бо ҳам дар муоширати самимӣ қарор доштанду таъкид мекарданд, ки сарнавишти ин марзу бум, зиёда аз он, ин миллати куҳанбунёду тамаддунофар дар дасти худи мост ва танҳо ваҳдат моро аз фаноравӣ, парокандагӣ нигоҳ хоҳад дошт.

Хабарнигорон, ки теъдоди онҳо хеле зиёду аз расонаҳои гуногуни ватаниву хориҷӣ буданд, басо кунҷковона ҷараёни кори Иҷлосияро инъикос мекарданд. Хабарнигорони хориҷӣ аз мо суол мекарданд, ки фалон нафар ба чӣ мазмун сухан гуфту ҳарфҳои фалонӣ чӣ маънӣ дошт.

16-ноябр лаҳзаҳои ифтитоҳи Иҷлосияи 16-ум, аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон рафтани Акбаршоҳ Искандаров, истеъфои Ҳукумати Тоҷикистон, баъдан баррасии масъалаи муҳим - интихоби Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон, пешниҳоду мулоҳизаҳо дар атрофи номзадҳо хеле ҳассосу ибратангез барои таърихи навини тоҷикон аст.

Депутат Абдулвоҳид Мирзоев бо пешниҳод аз номзадии Эмомалӣ Раҳмонов, раиси комиҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Кӯлоб ба ҳайси Раиси нави Шӯрои Олии Тоҷикистон иброз дошта буд, ки мавсуф аввалан чун вакили мардумӣ ҷиҳати ҳимояи манфиати интихобкунандагон дар ҳамаи Иҷлосияҳо фаъол буда, дар таҳияи қарору Қонунҳои муҳим бахри рушди соҳоти гуногуни хоҷагии халқ саҳми муносиб гузоштааст ва дар шароити кунунӣ ҷумҳурӣ ба чунин нафари соҳибтаҷрибаи хоҷагидошта ниёз дорад ва ӯ метавонад бо дастгирии фаъолонаи мову шумо вазифаашро сарбаландона ба иҷро расонад. Вакил Ҷаҳон Набиев аз ҳавзаи интихоботии Ғозиён низ аз сифатҳои кордонии номзади арзанда ҳарф зада, аз ҳамкасбон дархост кард, ки Эмомалӣ Раҳмоновро дастгирӣ кунанд. Ҳамин тавр бо аксарияти овозҳо - 197 овоз Эмомалӣ Раҳмонов Раиси



Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб гардид. Суханҳои ихчам, самимӣ ва пурмазмуни Раиси Шӯрои Олии ба тозагӣ интихобшуда, хосатан: - «Ман ба шумо сулҳ меорам» аҳли толорро хеле мутаассир сохту эътимод бахшид. Дар ҷараёни танаффуси кори Иҷлосия борҳо мушоҳида кардам, ки Раиси нави Шӯрои Олии Тоҷикистон бо пирони кор дар машварат мешуду мутобиқ ба он амал мекард. Баъди интихоби Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон, дар маркази матбуотии Иҷлосия бо ширкати собиқ Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров нишасти хабарӣ доир шуд, ки хабарнигорон бо суолҳои хеле зиёд ба ӯ муроҷиат карданд. Ва яке аз суолҳо бар ин мазмун буд, ки: - «Оё Раиси нави Шӯрои Олии Тоҷикистон дар ҳамин шароити феълии сиёсиву иқтисодӣ ҷумҳуриро идора карда метавонад?». Иқрор бояд шуд, ки Акбаршо Искандаров ба ин суол мусбӣ посух дода, гуфта буд, ки агар ҳама масъулини сохторҳои давлатӣ, депутатҳо аз як гиребон сар барорему дастгирӣ намоем, албатта, идора карда метавонад. Зеро таҷрибаи зиёди хоҷагидорӣ дораду аз вазъи феълии сиёсиву иқтисодии Тоҷикистон ба хубӣ огоҳ аст.

Аллакай, дар рӯзҳои дуввуму сеюм Иҷлосия маҷрои мӯътадили худро дарёфта, масъалаҳо бо таври фаъолона баррасӣ мешуданд. Дар баррасии масъалаи қабули парчам ва рамзи давлатии Тоҷикистон бошад, дар баробари вакилон Президенти Академияи улуми Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ, Шоири Халқии Тоҷикистон Мӯъмин Қаноат фаъолона ширкат дошта, моҳияти ҳар рамзу ҳар рангро бо такя ба маъхазҳои таърихии давлатидории тоҷикон асоснок мекарданд.

Дар яке аз рӯзҳои кори Иҷлосия, ки мавзӯи асосии он ба ҳам овардани намояндагони сангарҳо, қумондонҳои саҳроӣ буд, Оши оштӣ эълон шуда, дар саҳни бинои Қасри Арбоб фаъолони тамоми ҷумҳурӣ гирд омада, сари як пиёла чой оид ба бас кардани ҷанги бародаркуш, сулҳу салоҳ, оғози зиндагии оромона ибрози андеша карданд. Ёд дорам он мизе, ки мо чанд нафар журналистон низ ҳузур доштем, дар аснои суҳбат доир ба имрӯзу фардои Тоҷикистон тахти сарварии Раиси нави Шӯрои Олии Тоҷикистон вакил Малик Қурбонов аз ноҳияи Мастчоҳ ифодаеро пеш овард, ки то имрӯз дар хотираам сахт нақш бастааст. Ӯ гуфта буд, ки: - «Ман намедонам тақдирчунбони ин ҷавон кисту мурғи Ҳумо чи тавр сари китфи ӯ нишаст, вале дар давоми солҳои депутатӣ дар Шӯрои Олӣ Эмомалиро чун ҷавонмарди якрӯ, бо ғурури миллӣ дарёфтам, қариб ягон ҷаласае нест, ки дар бораи беҳбудӣ бахшидани ҳаёти хусусан мардуми кишоварз сухане нагӯяд. Аз симои сирф тоҷикона, китфони васеи баҳодуронааш ҳувайдост, ки ӯ ниҳоят ба миллати мо файз меорад.

Ҷаҳон Набиев вакили мардумӣ аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров низ бо боварию эътимод нисбат ба Раиси Шӯрои Олии ба тозагӣ интихобшуда бо чунин мазмун ҳарф мезад. Ва буданд нафарони табиатан сиёҳдил, ки вуҷудашонро яъсу ноумедӣ фаро гирифта, ба чизе ва ба касе боварӣ надоштанд. Пешгӯӣ мекарданд, ки Ҳукумати нав дер намепояд, шояд ду моҳ, ба дериаш шаш моҳ ва ҳо казо.

Аммо, имрӯз хушбахтона, мо бо шарофати роҳбарии оқилонаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шоҳиди рушду нумуи ватани азизамон дар ҳамаи самтҳо мешавем, шоҳид мешавем, ки таърих дигарбора тоҷиконро бо сарварии Пешвои муаззами халқамон ба ҷаҳониён чун халқи созанда, сулҳовар ва тамаддунсоз муаррифӣ мекунад. Боз солҳо паси сар хоҳанд шуд, вале аҳамияти таърихии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон боз ҳам дурахшанда ва мусаффо, ҷиҳати сулҳофарӣ мактаби таҷриба дар ҳар давру замон хоҳад монд.



***Ҷовиди АШТӢ, Иштирокчии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон дар Қасри «Арбоб»***

***Нерӯгоҳи барқи обии Рогун, ки ҳоло бомуваффақият бунёд гашта истодааст, дар минтақа аз бузургтарин нерӯгоҳҳо ба ҳисоб меравад. Ба кор даромадани ин нерӯгоҳ имкон медиҳад, ки Тоҷикистон пурра ба истиқлолияти энергетикӣ бирасад ва мушкилоти барқи кишварҳои ҳамсоя низ ҳал гардад. Имрӯзҳо мутхассисону коргарон аз Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Украина, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Англия, Олмон, Италия ва чандин давлатҳои дигари Аврупо дар ҳамдастӣ бо коргарону мутахассисони тоҷик дар бунёди «Рогун» саҳмгузориҳо доранд.***

# *АФСОНАИ «РОҒУН»*

## ё сайри таърихие ба иншооти азими аср

«Шунидан кай бувад монанди дидан» мегӯянд дар урфият. Аз ин рӯ, бо мақсади ошноӣ пайдо кардани ҷавонон, ки чӣ гуна шукуҳу шаҳомату азамат доштану бо чӣ мушкилиҳо бунёд гаштани НБО-и Роғун бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам аз гӯшаю канори кишвар шаҳрвандони касбу кори гуногун ба ин ҷо меоянд. Аз ҷумла, бо ташаббуси раиси Кумитаи Иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ваҳдат Руқия Раҳматзода ва дастгирии раиси шаҳр Амирзода Раҳмоналӣ Амир рӯзи чоршанбеи 8-уми ноябр як гурӯҳи калони ҷавонони диёрамон аз ҷамоатҳою ташкилоту муассисаҳо, кормандони воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҳунармандони қасри фарҳанг ва адибону рӯзноманигорон иборат аз 100 нафар, озими шаҳри Роғун гаштанд. Онҳо чун кӯмак як миқдор маводи ғизоӣ низ барои коргарони НБО бурданд. меҳмононро дар даромадгоҳи НБО-и Роғун намояндагони масъули нерӯгоҳ ва Кумитаи Иҷроияи ҲХДТ дар Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Нерӯгоҳи барқии оби Роғун» хеле хуб истиқбол гирифтанд. Пеш аз тамошои нерӯгоҳ, масъулини сохтмон ба меҳмонон дар бораи нерӯгоҳи барқи обии Роғун маълумоти зиёде дода, ба саволҳои онҳо ҷавобҳои саҳеҳ гардонданд. Сипас, корвони мошинҳо таҳти роҳбаладии масъулини нерӯгоҳ вориди нақбҳо гаштанд. Назар ба нақли роҳбалад барои пурра бунёд намудани нерӯгоҳ дар дохили кӯҳҳо ба дарозии 71-75 километр нақбҳо канда шуданд, ки ғайр аз нақбҳои асосӣ ва обпарто баъди ба кор андохтани нерӯгоҳ қисми зиёди онҳо маҳкам карда, зери об хоҳад монд.

Аввалин ҷое, ки мо аз он боздид намудем, минтақае буд, ки Сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон чанд моҳе пештар шахсан давоми чанд соат бо булдозер пеши маҷроро баста, оби дарёи саркаши Вахшро ба нақби обпарто равон карда буданд. Акнун дар ин минтақа корҳо дар авҷ буда, сарбанд хеле баланд бардошта шудааст.

Ҳамин тавр, мо дар дохили нақбҳо сафар карда, бо рафти кори нақбканон, мустаҳкамкунандагони нақбҳо, нақби 3-юми асосӣ, ки он ҷо кор хеле дар ҷӯшу хурӯш буд, ба чуқурии қариб чорсад метр зери замин даромада, бо ҷои насби генераторҳои 5-уму 6-ум, ҷои баъди аз генератор гузаштаву ба боло баромадану ба нақб равон гаштани об шинос гаштем. Ҳамон генераторе, ки мо тамошо кардем, генератори шашум буда, моҳи декабри соли оянда нахустин шуда, ба кор андохта мешавад. Сипас, мо ба тарафи чапи дарёи Вахш гузашта, бинои истгоҳи барқӣ ва баромадгоҳи нақбҳоро тамошо кардем. Дар рафти тамошо бо шароитҳои кору истироҳати коргарон низ ошно гашта, бо онҳо ҳамсуҳбат шудем. Ин ҷо дар ҳар як минтақаи корӣ ошхона сохта шудааст ва ба коргарон сари вақт хӯроки гарм дода мешавад. Онҳо маошашонро низ дар сари вақт мегирифтаанд.

Баъди тамошо боз ба майдончаи назди сохтмон баргаштем, ки, аллакай, вақти хӯроки нисфирӯзӣ шуд. Маъмурияти сохтмон мо, гурӯҳи сайёҳонро низ ба ошхона даъват карда, бо оши палави тоҷикӣ ва меваю сабзавот меҳмондорӣ намуданд. Лаҳзаи истироҳати нисфирӯзӣ ҳунармандони қасри фарҳанги шаҳри Ваҳдат Эмомалӣ Қодиров, Асалмоҳ Гулова, Соҳиб Қаҳҳоров, Аҳлиддини Барноиён, Далери Назрӣ бо роҳбарии Азимҷон Назаров барои заҳматкашони НБО-и Роғун дар саҳнаи барои чорабиниҳои фарҳангӣ оростаи сохтмон консерт намоиш доданд. Коргарони нерӯгоҳ ҳамроҳи ҷавонон зери навоҳои шуху суруду таронаҳои дилнишини санъаткорон рақсу бозӣ намуда, чанд лаҳзае табъашонро болида гардонданд.

Дар охири ин базм раиси Кумитаи Иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Ваҳдат Руқия Раҳматзода ба сухан баромада, ба маъмурияти нерӯгоҳ ва Кумитаи Иҷроияи ҲХДТ дар ҶСК «Нерӯгоҳи барқии оби Роғун» барои истиқболи гарму ҷӯшон ва самимона миннатдории сайёҳонро расонда, ба онҳо муваффақияту комёбиҳо таманно намуд. Баъд масъулин моро то баромадгоҳи сохтмон ҳамроҳӣ намуда, лаҳзаи хайрухуш ҳамроҳамон аксҳои хотиравӣ гирифтанд. Баъди саёҳат дар иншооти азими аср, сари қадам шаҳри Роғунро низ тамошо карданд.

Ҳамин тавр, саёҳати мо ба НБО-и Роғун саёҳати таърихие гардид, ки аз он бо як ҷаҳон таассурот баргаштем. Баъди гузаштани чандин солҳо он ҷойҳое, ки мо мошинсавору пиёда сайру тамошо намудем, зери обанбори нерӯгоҳи азим монда, он имконияти тамошое, ки имрӯз ҳаст, дигар намемонад. Хушбахтона, мо бо чи душвориҳо бунёд шудани ин шоҳкории асрро бо чашмони худ аз наздик дидем. Ва ҳамаи инҳоро мо ба фарзандону наберагони худ, чун афсона, қисса хоҳем кард.

***Амруллоҳи ЗАБИР, ш. Рогун***











# ЁДБУД



Ба ифтихори 105-солагии аввалин бинокорзани тоҷик Тоҳирова Ҳамро Зоировна дар толори маҷлиси Иттифоқи меъморони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши дӯстон, шогирдон ва пайвандони ин диловарзани тоҷик баргузор гардид. Хотиррасон менамоем, ки чанде қабл "Рӯзномаи бинокорон" тахти №8 (107) аз 19 августи соли 2017 мақолаи Б. Темурзодаро зери унвони "Диловарзане, ки метавон бо ӯ ифтихор кард" дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ин зани наҷиб чоп карда буд. Баъд аз нашри мақола Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раиси ноҳияи Ашт Мирдадо Зариф Мирмуҳаммадӣ бо мактубе муроҷиат намуда, дархост намуд, ба мактаби деҳаи Ашт номи ходими намоёни давлатӣ, аввалин бинокорзани тоҷик собиқ Вазири сохтмон - Тоҳирова Ҳамро Зоировнаро сазовор донанд.

Ҷамъомадро Раиси Иттифоқи меъморони ҶТ Б.Н. Юсупов ифтитоҳ бахшида, бо намоиши аксҳои дар солҳои гуногун гирифтаи Тоҳирова Ҳамро ҳозиринро бо фаъолият ва корҳои ҷамъиятии ӯ ошно намуд.

- Саҳми Ҳамро Зоировна дар тараққиёти ҷумҳуриамон ҳамчун мутахассиси соҳаи сохтмон калон аст. Ӯ дар бунёди Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ иштирок кардааст. Бунёди иншооти мазкур дар он солҳо барои Тоҷикистон воқеаи дорои аҳамияти бузург буд. Маркази бузурги фарҳангӣ дар меҳвари хиёбони ҷумҳурӣ ба номи академик Раҷабовҳо бунёд гардид. Ягона бинокорзани тоҷик ба вазифаи коргузори иншооти мазкур таъин гардид, - иброз дошт Б. Юсупов.

Вай иштикоркунандаи анҷумани умумииттифоқии меъморон, муаллифи як қатор лоиҳаҳои бинову иншоот буд. Аз рӯзи нахустини таъсисёбии Иттифоқи меъморони Тоҷикистон,1-уми марти соли 1936, Тоҳирова Ҳамро узви Иттифоқи меъморони Тоҷикистон буд.

Аҳли толор як-як аз ҷой бархоста, дар бораи фаъолият ва ҳамкориҳояшон, дар бораи хислату рафторҳои ҳамидаи ин зани наҷиб бо ҳиссиёти баланд сухан ронданд. Аз ҷумла, Г.Б. Бобосодиқова, Майсара Калонова, Р.С. Муқимов ва яке аз пайвандони Ҳамро Тоҳирова - Б. Темурзода дар бораи хотироти худ суҳбатҳои ҷолиб намуданд.

Дар анҷоми ҳамоиш ҳама якдилона пешниҳод намуданд, ки хизматҳои арзандаи ӯро ба инобат гирифта, дар пойтахт кӯчаеро бо номи Ҳамро Тоҳирова бигзоранд.

***Мухбири «РБ»***





# «АРБОБ» ҲУСНУ ҶИЛОИ НАВ ДОШТ



Хонандагон огоҳ ҳастанд, ки санаи 19 ноябри соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд дар маҷлиси тантанавӣ ва ҷамъомади идона ба ифтихори ҷашни 25-умин солгарди Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд.

Барои дар сатҳи баланд баргузор намудани ин Иҷлосияи тақдирсоз таҳти роҳбарии Абдурахмон Қодирӣ, раиси вилояти Суғд дар қасри «Арбоб» ситоди корӣ ба хотири анҷом додани корҳои сохтмонӣ дар сатҳи баланди ҷавобгӯй ба меъёрҳои рӯз таъсис ёфта буд. Абдузафар Инъомов, директори ин Муассисаи давлатии қасри «Арбоб» дар суҳбат иброз дошт, ки дар 25-умин солгарди таърихии худ қасри «Арбоб» бо як ороишу зебогии хоса меҳмонони худро истиқбол гирифт. Таъмиру тармими бинои «Арбоб»-ро ҶДММ «Евростройсервис» (роҳбараш М. Умаров) бар уҳда доштанд ва КМ «Само» (А. Тошхоҷаев) дар азнавсозии шабакаи рӯшноидиҳии қаср ва иншооти ёрирасони атрофи он саҳм дошт. Дар идома директори ин Муассисаи давлатӣ афзуд, ки барои боз ҳам дилнишину зебо гардонидани саҳна, бо дастгирии ҶДММ «Мансум» онҳо аз оинаи нилгуни калонҳаҷми андозааш 6х121,8 метра истифода кардаанд.

Маврид ба зикр аст, ки ҳамчунин дар ин ҷо Осорхонаи «Тоҷикистон дар масири таърих»-и Қаср, ки дар он нигораҳои нави бозгӯйкунандаи воқеии ҷараёни Иҷлосия мебошанд, таҷдид шудааст. Яке аз масъули азнавсозии Осорхона, устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои таърих Муҳиддинҷон Файзуллоев изҳор дошт, ки онҳо толори Осорхонаро зайле намоён кардаанд, ки тамошобинон метавонанд аз ҷараёни кори Иҷлосия ба пуррагӣ шинос шаванд.

- Мо кӯшидем, баъзе таҷҳизотҳои техникии он замонро низ дар Осорхона ҷой диҳем. Масалан, микрофонҳои толори Иҷлосияро, ки пояаашон аз метали алюиминий аст, ба намоиш гузоштем. Ба ҳамин монанд гӯшаҳои алоҳида аз ҷумла, фаъолияти мухбирони парлумониро такмил дода, расмҳои иловагӣ гузошта шуданд. Чанд расмҳои наверо, ки вакилони мардумии ин Иҷлосия аз бойгонии худ пешниҳод карданд, дар толор ба намоиш гузоштем.

Бино ба гуфти масъулони сохтмони вилоят дар Қасри таърихии Арбоб соли 2012 ба муносибати 20-солагии баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи зиёда аз 25 млн. сомонӣ аз таъмири капиталӣ баровარда шуда буд. Имсол бошад, барои корҳои азнавбарқароркунии қаср наздик ба 5 млн. сомонӣ сарф шудааст.

***Ҷ. АШТӢ***



# ПАРЧАМ РАМЗИ ДАВЛАТИ ЯГОНА ВА ҶОВИДОНА!

25 сол мешавад, ки мардуми Тоҷикистон ба хотири арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллии худ дар санаи 24 ноябр Рӯзи Парчамро ҷашн мегиранд. Метавон гуфт, ки дар Парчами мо рамзҳое чун тоҷу ситорагон инъикос гаштааст, ки таҷассумгари давлатдории гузашта ва муосири мардуми Тоҷикистон, инчунин рамзи истиқлолияти миллӣ, ифодакунандаи мақсаду маром ва орзуву ормонҳои мо тоҷикон мебошад. Аз ин рӯ, бахри баланд бардоштани маърифати ватанпарастӣ ва ифодаи арҷгузорӣ ба Парчами миллӣ «Рӯзномаи бинокорон» андешаи кормандони Кумитаро оид ба ин нишони давлатдорӣ – Парчам гирд овард.

***Раҳимов Ислом - Муовини сардори хадамоти иҷозатномадиҳии фаолияти шаҳрсозӣ***



ифтихор аз он дорад, ки кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ мешиносанд. Ба андешаи Раҳимов ҳамонгунае, ки аҷдодони мо дар муҳорибаҳо зери партавафшонии «Дирафши Коваён» ҷангидаанд, имрӯз мо низ таҳти ин парчам бо руҳияи созандаву ободкорӣ қарор дорем. Раҳимов Ислом гуфт: - "Парчами давлатӣ имрӯз ҳамчун нишони азму ирода барои ободии кишвари зебоманзарамон пояи устувор гузошт. Парчами мо дар фарози созмонҳои баландпояи ҷаҳонӣ парафшон аст, ки мояи ифтихору руҳбаландии ҳамаи ҳамватанони азизамон мебошад".

***Малика Абдугаффорзода - муовини сардори Корхонаи воҳиди давлатии «Ташхисгар»***



аз он меболад, ки дар кишвари мо сулҳу субот пойдор аст. Малика таманнои ҳамеша дурахшии ин "Дирафш"-ро дорад ва пеши худ мақсад гузоштааст, ки бо истифода аз ин фазои мусоид барои пешрафти Тоҷикистон ҳиссагузор мегардад. - "Шукрона аз ин даврон мекунем, ки дар фазои тинҷиву амонӣ умр ба сар мебарем. Фарзандони мо бе ҳеҷ ваҳме метавонанд дар кӯчаҳо бозӣ кунанд. Аз ин рӯ, таманнои онро дорем, ки Парчами мо ҳамеша ҷило диҳад ва мо низ дар ин фазои мусоид кор карда давлати худро пешрафта гардонем".

Ба андешаи ***Саломов Муродбек – сармуҳандиси Пажуҳишгоҳи илмию таткиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»*** ягонагии ҳар давлат



аз доштани парчами хоси худ бо рамзҳои миллии он аст.Ҳамин парчам аст, ки ягонагии мо этироф шудааст. Ӯ андешаи худро чунин қайд намуд: - "Парчам яке аз нишонаҳои асосии давлатдорӣ ба ҳисоб меравад ва рамзи соҳибистиқлолии мо низ дар ҳамин парчами миллӣ нишон дода шудааст".

Тоҷикистони азизамон имрӯз парчаме дорад, ки онро варзишгарон метавонанд дар мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ аз номи Ватани худ баланд бардоранд. ***Муҳаммадшариф Умаров – сардори шӯъбаи омӯзиши хадамоти иҷозатномадиҳии фаолияти шаҳрсозӣ*** ҳам аз парчами



миллии худ ифтихор мекунад ва орзуи онро дорад, ки ин Парчам ҳамеша партарафшон бошад ва мо халқи Тоҷикистон дар сояи он сарбаланд бимонем. "Ҳар давлат бо парчам, нишон ва дигар муқаддасоти худ фарқ мекунад. Мо ифтихор мекунем, ки чун дигар давлатҳои соҳибистиқлол парчами худро дорем. Зери партарафшонии ин муқаддасоти миллӣ дар Тоҷикистони азизамон месазад, ки як дилу як мором ва осудаву ором зиндагӣ ба сар бубарем" - ишора намуд Муҳаммадшариф Умаров.

Эҳтиром ба муқаддасоти кишварро ***Ғозиев Маъруф - мутахассиси Пажуҳишгоҳи илмию таткиқотии «Сохтмон ва меъморӣ»*** қарзи фарзандии ҳар



шаҳрванди Тоҷикистон медонад. Ӯ мегӯяд, ки пойдории ҳар кишвар аз дурахши нишонҳое чун парчам аст. Эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ҳисси дӯстдории Ватанро боло мебарад ва дар бардавом мондани миллат хизмат мекунад, - гуфт Ғозиев ва илова намуд: - "Ба ҷо овардани эҳтиром нисбат ба парчам қарзи ҳар шаҳрванд ба ҳисоб меравад, зеро парчами ҳар миллат рамзи ватандорӣ ва ҳастии ҳамон миллат аст".

***Давлатой Мирзоева – сармутахассиси хадамоти иҷозатномадиҳӣ*** бо ишора ба



Паёми телевизионии Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи парчами давлатӣ чунин гуфт: "Парчами Тоҷикистон барои мо нишонаи бақои миллат, давлату ватан, ваҳдат, ҳувият арҷгузорӣ ба арзишҳои волои таърихию фарҳангӣ ва беҳтарин василаи тарбияи насли наврасу ҷавонон мебошад. Имрӯз моро мебояд, ки бо парчами миллии худ ифтихори тамом дошта бошем. Эҳтироми ин муқаддасотро нишонаи давлатдории миллии озод ва истиқлоли ватан чун сарвати гаронбаҳо ба ҷо орем".

Пас ба хотири ободиву озодӣ ва давлати бегазанду сарбаланди Тоҷикистон бигзор Парчами миллӣ ҷовидона парафшон бод!

## ВАКАНСИЯИ

## Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғол намудани ҷойҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар моҳи ноябри соли 2017

| № | Номи мансаб | Миқдор | Маош (сомонӣ) | Талаботҳои тахассусӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмон | | | |
| 1 | Сармутахассис | 1 - ҷой | 988,00 | Таҳсилоти олии касбӣ, 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ |
| | Раёсати шаҳрсозӣ | | | |
| 2 | Мутахассиси пешбар | 1 - ҷой | 806,00 | Таҳсилоти олии касбӣ, 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ |

***Довталабон барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:***

- ариза;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ;
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи диплом;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- нусхаи маълумотномаи ақди никоҳ;
- нусхаи маълумотнома аз андоз (ИНН);
- маълумотнома дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ;
- маълумотнома оид ба доштан ё надоштани доғи судӣ;

Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо - 21 рӯз аз таърихи ба нашр баромадани эълон.

***Бахши кадрҳо***

***Телефон барои тамос: 221-98-59.***

РӮЗНОМАИ БИНОКОРОН
Строительная газета
№11 (110)
25 ноябри соли 2017



# ЭҲТИРОМИ ПАРЧАМ – ЭҲТИРОМИ МИЛЛАТ АСТ



Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рукнҳои асосии муқаддасоти миллӣ буда, ифодагари рамзи ҳаёти осоишта, меҳнатдӯстӣ, бахту иқболи сафед, умед ба ояндаи нек ва лоиқи эҳтироми пиру барнои кишвар гардидааст. Парчами миллат дар қатори дигар муқаддасот рамзи давлату давлатдорӣ ва нангу номуси миллӣ мебошад.

Парчам дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамчун истилоҳ ба маънои ливо байрақ, дирафш ва рамзи давлатӣ омадааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» навишта шудааст, ки парчам ин пӯпаки абрешимиест, ки ба нӯги байрақ мебастанд.

Парчамдориву парчамбардорӣ ба халқи мо аз аҷдодон мерос монда, пайдоиши парчам таърихи хеле қадимӣ дорад. Агар ба рамзҳо бо назари таҳқиқ ва таҳлил нигарем, ҳар як рамз то андозае равшангари таърих, сарнавишту саргузашти қавмҳо, халқиятҳо, миллату давлат, инъикосгари фарҳангу тамаддун, орзуву ормонҳои мардуманд.

Рамзҳо хеле гуногунанд, мисли парчам, нишон, суруди миллӣ, мӯҳри давлатӣ ва ғайра. Дар ин миён парчам ҳамчун рамз таърихи хеле бою рангин ва қадимиро дорост. Парчам бо мурури замон ва гузашти айём ҳамчун яке аз рамзҳои асосии давлату миллат ончунон мавқеи худро устувор кардааст ва мазмуну моҳияти муҳим касб намудааст, ки имрӯз мавҷудияти ҳеҷ як давлат, озодӣ ва истиқлоли онро бидуни парчам наметавон тасаввур намуд.

Дар таърихи қадимии рамзҳо парчам ба рамзи пирӯзӣ ва сипас ба рамзи давлатдорӣ табдил ёфта буд. Ҳар шахсе ба қудрат мерасид, соҳиби тахту салтанат мегашт, тоҷи шоҳӣ ба сар мениҳод, парчамро азизу муқаддас медонист ва онро баланд меафрохт. Дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ Шоҳ Фаридун парчами худро бо сангҳои қиматбаҳо ва тасвири ситораи чоргӯшаи тиллоӣ ва шилшилаҳои (лентаҳои) сурх, зард ва бунафш оро дода, онро «Дирафши Ковиёнӣ» номид. «Дирафш» аз вожаи дирафшидан, дурахшидан, рӯшноӣ додан, партавафкандан ва тобидан сохта шудааст ва ба маънои парчам, алам, аломату байрақ омадааст.

Пас аз пош хӯрдани давлати абарқудрати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳуриҳои иттифоқ, аз ҷумла, Тоҷикистон марҳилаи нав оғоз ёфт. Ҷумҳуриҳои иттифоқ давлатҳои соҳибистиқлолу озод гардиданд ва ин боис шуд, ки ҳар давлати мустақил парчами худро ҳамчун рамзи давлатдорӣ, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатӣ қабул кунад.

24 ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қасри Арбоб Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кард ва бо ҳамин дар таърихи парчамдории тоҷикон саҳифаи нав оғоз шуд. Маҳз дар ҳамин рӯз кишвари мо соҳиби яке аз рамзҳои асосии давлати соҳибистиқлол гардид.

Парчами миллии мо дар радифи Конститутсия, Суруди миллӣ, Нишони давлатӣ аз ҷумлаи рамзҳо ва муқаддасоти асосии давлатӣ маҳсуб меёбад.

Парчами давлатии Тоҷикистон матои росткунҷаест, ки аз се рахи рангаи уфуқӣ иборат аст: рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он бо рахи поёнӣ - сабз баробар мебошад, рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари паҳнои ҳар яке аз раххои ранга аст. Рӯи рахи сафед дар мобайни парчам бо зарҳал расми тоҷи тансиқшуда ва болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира кашида шудаанд. Мутобиқати бару дарозии умумии парчам 1:2 аст.

Ранги сурх дар парчами мо – ин рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ дар роҳи озодӣ ва истиқлол, ранги сафед – рамзи покӣ, озодагӣ, роҳи сафед ва бахту иқболи нек, ранги сабз – рамзи ҳаёт, сарсабзиву хуррамӣ, созандагиву бунёдкорӣ мебошад. Дар парчам инчунин тасвири тоҷ ва ҳафт ситора ҷой дода шудааст. Тоҷ – рамзи шукӯҳу шаҳомат, рамзи давлат, соҳибдавлатӣ ва истиқлолият аст.

Хулоса, дар ҳама давру замонҳо парчам чун рамзи давлат, салтанат, ғуруру ифтихор аз даст ба даст мегузашт. Зери парчам - чун нишони муттаҳидӣ, озодӣ ва истиқлол сипаҳсолорон лашкарро аз майдони ҳарбӣ мебурданд ва ғолиб мешуданд. Пеш-пеши лашкар ва бароидар сафи пеши лашкар устувор доштан ва пеш бурдани лашкар сарбози далеру шуҷоъ ва тануманду ҷасурро интихоб мекарданд, ки ӯро маъмулан парчамдор, аламбардор ва ё байрақбардор мегуфтанд.

Ин вазифаи ифтихорӣ ва масъул буд, ки ба шахсони далеру ватандӯст бовар карда мешуд. Ҳар як ҷузъу томи артиш, лашкар, қисми ҳарбӣ агар ба забони имрӯза гӯем (дивизия, армия, фронт), парчами худро дошт ва ҳоло низ ҳамин тавр аст. Ҳар қалъа низ парчами худро дошт. Ҳангоми амалиёти ҳарбӣ парчам чун рамз ва нишони озодӣ, далерӣ, нангу номус ва шараф ҳифз ва эҳтиёт карда мешуд. Агар лашкар дар муҳориба шикаст хӯрад, парчами худро аз даст диҳад – чун нишони нанговару шармовар он қисми ҳарбӣ пароканда ва сарбозонаш ба қисмҳои дигар интиқол дода мешуд.

Соли 2009 бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 ноябр Рӯзи парчами давлатӣ эълон гардид ва ин рӯзи муборак ҳамасола бо шукӯҳу тантана таҷлил мегардад.

Парафшонии Парчами миллӣ дар баландии 165 метр дар пойтахти кишвари азизамон - шаҳри Душанбе боиси ифтихори ҳар фарди ватандӯсти мамлакат гардид. Бешубҳа, қомат афрохтани Парчами миллӣ, ки баландтарин дар ҷаҳон аст, бо маҷмӯи биноҳои маъмурию фарҳангӣ ба шаҳри Душанбе ҳусну зебоии тоза бахшида, мавзеи ҷойгиршавии онро «Майдони парчам» номгузорӣ намуданд.

2 апрели соли 2014 бо ибтикори раиси вилояти Суғд Абдураҳмон Қодирӣ дар хиёбони Раҳмон Набиев, дар рӯ ба рӯи бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд бо иштироки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Парчами давлатии Тоҷикистон бар пояи баландиаш 55 метр парафшон карда шуд. Моҳи июни соли 2016 дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - шаҳри Хоруғ Парчами миллӣ бо паҳноии 4,8 метр, дарозии 32 бо баландии 30 метр, инчунин моҳи октябри соли 2016 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон бо андозаи 14 ба 7 метр, дар марказҳои ноҳияҳои Спитамен, Зафаробод ва дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат бо иштироки ҳазорҳо нафар сокинону меҳмонон парчамҳои давлатӣ барафрохта шуданд.

Гурзандози маъруфи тоҷик Дилшод Назаров дар Бозиҳои тобистонаи олимпӣ дар Бразилия медали тилло ба даст овард ва парчамбардори Тоҷикистон дар Бозиҳои XXXI тобистонаи олимпӣ дар Рио-де-Жанейрои Бразилия гардид. Давоми солҳои охир даҳҳо ва садҳо нафар ҷавонону варзишгарони тоҷик, чун Анвар Юнусов, Мавзуна Чориева, Ҷаҳон Қурбонов, Кристина Пронженко, Мурод Тӯйчиев, Комроншоҳи Устопириён, Хуршед ва Абдусалом Ҳасановҳо, Асрор Воҳидов, Беҳруз Хоҷазода ва дигарон дар чемпионатҳои бонуфузи байналмилалӣ, Осиё ва Осиёи Марказӣ ғолибият ба даст оварданд. Дар ин мусобиқаҳо ба ифтихори ин ғолибон Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо дода, Парчами Тоҷикистон боло бардошта мешавад.

Бояд зикр намуд, ки рамзҳои давлатӣ шиносномаи соҳибистиқлолии мамлакат буда, тавассути онҳо давлати моро тамоми ҷаҳон мешиносад. Рамзҳо мазмун ва моҳияти мушаххаси идеологӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоиву сиёсиро бар дӯш доранд. Бо эҳсосоти баланд муносибат намудан ба рамзҳои давлатӣ ифодаи муҳаббат ба Ватан аст. Табиатан ҳар инсоне, ки дар дилу дидааш меҳри Ватан ҷой дорад, парафшонии ливои миллӣ ба ӯ эҳсоси худшиносию арҷгузорӣ ба арзишҳои олии ватандорӣ мебахшад. Чунончӣ, ҳангоми садо додани Суруди миллӣ таппиши қалбҳоямон дигаргун мешавад, вуҷудамонро ифтихор ва шодиву сурур фаро мегирад. Борҳо дидаем, ки ҳангоми боло бардоштани Парчами миллӣ ба ифтихори ғолибият дар мусобиқаҳои варзишии байналхалқӣ аз чашмони варзишгарони ғолиб ашки шодӣ мерезад.

Истифодаи рамзҳои давлатӣ дар тарбияи насли наврас аҳамияти муҳим дорад, зеро дар ҷараёни тарбия моҳияти рамзҳои давлатӣ, ҳокимияти давлатӣ, хусусияти фарққунандаи он дар муқоиса бо дигар давлатҳо ба наврасон ва ҷавонон (ва ҳатто ба кӯдакон) фаҳмонида мешавад. Бо ин роҳ ифтихори ватандории онҳо боло бардошта мешавад.

Дар ин росто 12 октябри соли 2016 вакилони палатаи поёнии Парлумони Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйиру иловаҳо ворид намуданд. Тибқи ин тағйирот, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз рамзҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад, дар биноҳои давлатӣ, маъмурию иҷтимоӣ, маишӣ, корхонаҳо ва манзилҳои шаҳрвандон бо ифтихор партавафшонӣ мекунад. Яъне дар пои ин тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маконҳои истифодаи Парчами давлатӣ дар кишвар васеъ гардонида мешаванд, ки ин ба ташаккули худшиносии миллӣ ва ифтихор аз миллату давлатдорӣ мусоидат менамояд.

Тарғиби васеъ ва дарки амиқи моҳияту мазмуни рамзҳои давлатӣ бо риояву амалӣ намудани масъалаҳои зайл имконпазир мегардад:

- пеш бурдани сиёсати босамари давлатӣ дар мавриди шинохт ва истифодаи рамзҳои давлатӣ, ки ба муттаҳидшавии ҷомеаи тоҷикон мусоидат мекунад;
- баланд бардоштани донишҳои иттилоотии мардум нисбат ба рамзҳои давлатӣ;
- эҷоди муҳити созгор дар масъалаи омӯзишу дарки моҳияти рамзҳои давлатӣ дар ҳамаи ташкилоту муассисаҳо;
- тавассути воситаҳои ахбори омма ташаккул додани равобиту ҳамгироии мустаҳкам байни мардум ва рамзҳои давлатӣ;
- дарёфт ва истифодаи роҳҳои гуногуни ҳавасмандкунии иҷтимоии мардум дар масъалаи истифодаи рамзҳо ва ғайра.

***Фаридун ҲОДИБОЕВ, мудири шуъбаи тарбияи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров***

# МАЪРАКАИ ОБУНАШАВӢ БА «РЎЗНОМАИ БИНОКОРОН» ИДОМА ДОРАД

**ХОНАНДАГОНИ АЗИЗ!**

Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки маъракаи обунашавӣ ба «Рўзномаи бинокорон» барои соли 2018 идома дорад. Муддати даҳ сол аст, ки «Рўзномаи бинокорон» дар саҳифаҳои худ аз ҳаёту фаъолияти ҳамкасбони шумо, дар бораи навгониҳои илму техника, меъёру санадҳои сохтмонӣ ва мавҷудияти ҷойҳои корӣ, нарху навои масолеҳи бинокорӣ ва макони дарёфти онҳо маводи ҷолибу муфассал чоп менамояд. Агар хоҳед, ки анъанаи даҳсола канда нашаваду Шумо аз навгониҳои оламу ҷумҳурӣ бехабар намонед, пас

**БА «РЎЗНОМАИ БИНОКОРОН» ОБУНА ШАВЕД!**

Пешниҳоду дархост, номаҳои табрикӣ ба ёру дўстон ва наздикон, рекламаю эълон, эҷодиёти бадеӣ, очерку мақолаҳои худро низ ба унвони идораи рўзнома фиристед!

**Аз хусуси ахбори таъҷилӣ ба мо занг занед!**

**Мо ҳамеша омодаем бо Шумо ҳамкорӣ намоем!**

Бинобар он, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки дар маъракаи обуна ба «Рўзномаи бинокорон» фаъолона иштирок намуда, ҳамкориро бо мо мустаҳкам намоед!

**АРЗИШИ СОЛОНА ҲАМОНО БЕТАҒЙИР МОНДААСТ.**

**Арзиши солонаи обуна:** 72 сомонӣ
**Индекси обунаи рўзнома:** 69022
**Суратҳисоби бонкии рўзнома:**
**С/Ҳ:** 20202972700838101000

**Ҳ/М:** 20402972316264
**РМА:** 010081778
**КИБ:** 350101626
**БДА ҶТ «Амонатбонк»**




# Чеҳраҳои шинохтаи олам

Номи асосӣ ва пурраи ў Пабло Диего Хосе Франсиско де Паула Хуан Непомусено Мария де Лос Ремедиос Сиприано де ла Сантисима Тринидад Мартир Руис и Пикассо аст. Вай рассом, ҳайкалтарош, рассоми театр, тарроҳи барҷастаи фаронсавист. Аммо миллаташ испанӣ буда, дар такомули санъатҳои гуногуни Франсия хидмати мондагореро ба анҷом расондааст.

Пикассо 25 октябри соли 1881 дар шаҳри Малагаи давлати Испания ба дунё омадааст. Пас аз 92 соли ҳаёт дар шаҳри Мужени Фаронса ин оламро падруд гуфт. Аммо асарҳои нотакрори рўйи коғаз ва деворнигораҳо мондааш то имрўз ному фаъолияташро нигоҳ дошта меоянд.

Ў узви ҳизби коммунисти Фаронса (аз соли 1944) буда, дар мактаби санъати нафисаи шаҳрҳои Барселона ва Мадрид таҳсил кардааст. Минбаъд аз 23-солагиаш зиндагиву фаъолияти эҷодиашро дар Париж ихтиёр кард. Ҳанўз соли 1900 бо мусаввараҳои барҷастааш шуҳрат ёфта буд. Махсусан, асарҳои «Давраи нилобӣ» (солҳои 1901 –1904) ва «Давраи гулобӣ» (солҳои 1905 –1906), ки дар онҳо рангҳои кабуду гулобӣ бартарӣ доштанд, ба мавзўи фоҷиаи одамони бехонумон – нобиноён, гадоён, оворагон (масалан, расми «Гадои пир бо писарбача», соли 1903), «Духтарчае дар болои кура», соли 1905, ҳарду дар осорхонаи санъати тасвирии ба номи А.С. Пушкин, ш. Маскав маҳфузанд) бахшида шудаанд.

Пикассо ҳодисаҳои ҷаҳонии капиталистӣ, сабабҳои кризиси ҷамъияти буржуазӣ ва фарҳанги гуманистии онро дуруст сарфаҳм рафта натавониста, соли 1907 аз тасвири реалистона даст кашид. Вай ҳамроҳи Ж. Брак ба ҷараёни кубизм асос гузошт. (Кубизм як равияи шаклпарастона дар санъати рассомии Аврупои асри 20-ум ба ҳисоб мерафт).


ПАБЛО ПИКАССО

Бояд афзуд, аввалҳои солҳои бистуми асри бист, ки давраи охирини кубизми Пикассо аст, дар эҷодиёти вай тамоюли ғайриклассикӣ пайдо гардид. Асарҳои «Се зан дар назди чашма» (соли 1921, Осорхонаи санъати муосири Ню-Йорк) ба гуфтаҳои мо асос шуда метавонад. Аз образҳои одамони оддӣ – муосирони рассом, ки дар ҳамин давра офарида шудааст, бинанда дар бораи инсон тасаввуроти мукаммале пайдо менамояд.

Аз нимаи дуюми солҳои сиюм эҷодиёти Пикассо масъалаҳои беҳуқуқии инсон ва дар ҷамъияти буржуазӣ ноком будани ўро дар бар мегирад. Аз ҳамин давра мавқеи ҷамъиятии Пикассо муайян шудан мегирад.

Солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон Пикассо иштирокчии ҳаракати муқобилат дар Фаронса буд. Минбаъд дар сафи пеши муборизони сулҳу демократия қарор дошт. Асари дигари Пикассо – «Кабутари сулҳ» (соли 1947) рамзи мубоизони сулҳҷўён гаштааст.Эҷодиёти гуногунхарактер ва гуногунжанри Пикассо, ки дар худ ҳам кўшишҳои пешқадами ҷамъиятӣ ва ҳам кризиси санъати буржуазии имрўзаро акс намудааст, ба санъати рассомии асри бистум таъсири бузурге расондааст.

Эҷодиёт ва рўзгори баъдиҷангии Пикассо хеле пуробуранг гардид. Хусусан, шиносии ў бо Франсуа Жило, ки соли 1945 ба амал омад, ўро минбаъд хушбахт гардонд. Аз ҳамхонагӣ бо Жило ду фарзанд ба дунё омад: Клод ва Палома. Баъдтар (соли 1958) бо Жаклин Рок низ ҳамхона гардид.

Барои хотираи дурахшонаш соли 1960 дар Барселона ва соли 1985 дар Париж Осорхонаи ў ифтитоҳ ёфт. Соли 2003-юм бошад осорхонааш дар зодгоҳаш - Малага низ кушода шуд. Оре, ҳунармандон ҳеҷ гоҳ фаромўш намегарданд ва ёдашон ҷовидонист.

***Таҳияи Ҳотами ҲОМИД***

***Индекси обунаи рўзнома:*** 69022
***Суратҳисоби бонкии рўзнома:*** **С/Ҳ:** 20202972700838101000, **Ҳ/М:** 20402972316264, **РМА:** 010081778, **КИБ:** 350101626, **БДА ҶТ «Амонатбонк»**

***Муассис:***
Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Учредитель:***
Комитет по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

Муассисаи давлатии «Рўзномаи бинокорон» 6 апрели соли 2006 дар Вазорати фарҳанг таҳти №0178 ва 17 марти соли 2009 таҳти №001-5893 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**«РЎЗНОМАИ БИНОКОРОН»**
***- ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ***

***Сардабир***
**Дилбар ТАБАРОВА**

***Ҳайати таҳририя***
**Ч.Ч. АҲМАДЗОДА**
**Н.Ю. МИРЗОЗОДА**
**А. ФОЗИЛОВ**
**П.А. ЯСУНОВ**

***Саҳифабанд***
**Донијр САТТОРОВ**

***Нишонии идораи рўзнома:***
ш. Душанбе,
к. Ш. Хусейнзода, 34
Тел. **227-22-07, 227-22-39**

Рўзнома дар матбааи «Аниса-95» чоп шуд.
Теъдод **1000** нусха

***Арзиши солонаи обуна:***
72 сомонӣ

***Хабарнигорон:*** Неъмат Раҳмат, Фотима Ализода (ш. Душанбе), Амруллои Забир (НТҶ), Ҷовиди Аштӣ (вил. Суғд), Сироншоҳи Диловар (ВМКБ)
*Дар «Рўзномаи бинокорон» ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рўзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дўш нагирад.*

CMYK